# ҲАЗОРУ ЯК РУБОӢ

*Мураттиб ва муаллифи дебоча*
*Асадулло Сӯфизода*

Душанбе
«Адиб»
2013

ББК 84 Тоҷик 7-5
А – 92

Муҳаррир *М.Акбарзод*

А – 92 **Ҳазору як рубоӣ** (*рубоиёти шифоҳӣ*)**.** –
– Душанбе, «Адиб», 2013, 152 саҳ.

Маҷмӯа рубоӣ ва дубайтиҳои мардумиро фаро мегирад, ки аз минтақаҳои кишвар ҷамоварӣ шудаанд.

Хонанда бори дигар бо нафосату зебоии эҷодиёти мардумӣ ошно хоҳад шуд.

ISBN 978-99947-2-279-0

© Нашриёти «Адиб», 2013

# ДЕБОЧА

Пеш аз он ки дар бораи рубоӣ ва дубайтиҳои шифоҳӣ ва умумият ва тафовути ин ду шакли шеъри шифоҳӣ сухан ронем, бояд заҳмати гирдоварон ва нашрони онҳоро бо эҳтиром ва ифтихор хотирнишон созем. Дар мавриди ҷамъ ва нашри назми шифоҳии мардуми тоҷик ва тоҷикзабонони Афғонистон, аз ҷумла гирдоварон ва ноширони дубайтӣ ва рубоиёти шифоҳӣ хидмати арзандаву бедареғи шарқшинос Болдиров А.Н., Мирзо Турсунзода, Лутфулло Бузургзода, Раҷаб Амонов, Абдусалом Деҳотӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Машғул Холов, Сангин Норматов, Саъдӣ Маҳмудов, Саидмирзо Мирсаидов, Ҳикмат Раҳмат, Файзалӣ Муродов, Салоҳиддин Фатҳуллоев, Рӯзӣ Аҳмадов, Додоҷон Обидов ва дигар суханшиносон ба аҳли табъу завқ маълуманд. Ҳар яке аз ин суханшиносони гиромӣ дар ин кори хайр ҳиссаи муносиб гузоштаанд. Махсусан: «Намунаи фолклори тоҷик»-и Болдиров (1938) ва «Намунаи фолклори тоҷик»-и М.Турсунзода (1940) дар зарфи солҳои 1940-60 дар тамоми гӯшаву канорҳои Тоҷикистони советӣ шуҳрат ёфтанд ва рубоиёти маҷмӯаҳои фавқ аз даҳони хурду бузурги сокинони кишвар ба гӯш мерасид. Ҳатто, дар мавзеъ ва ноҳияҳое, ки рубоигӯӣ расм набуд, мардум бо таъсири ин китобҳои пуртаровати бадеӣ рубоигӯ шуданд ва ин ҳолату манзараи фараҳбахшро нигоранда дар давоми сафарҳои илмии фалклоршиносӣ ба гӯшаву канорҳои гуногуни кишвар борҳо мушоҳида кардааст.

Дар таъсири ин шаклҳои шеърии нишонрас ашхоси хурду бузурги деҳот, ки аслан шоиртабъанд, мувофиқи завқу салиқа, шодию андӯҳ ва фараҳу кайфияти рӯҳии худ рубоӣ гуфтаанд ва ба ин васила мақсаду маром ва орзуву ҳавасҳои наҷиби худро ба тарзи дилангез ифода кардаанд.

Рубоӣ ва дубайтӣ оғози дерина доранд ва дар маънӣ оламеро мегунҷонанд. Ҳар байти рубоӣ ва дубайтӣ маънии барҷаста дорад ва як мақсаду маромы амиқу

равшанеро ифода менамояд. Мафҳуми «дубайтӣ» ҳамчун вожа ё истилоҳи бадеӣ ва ё шакли жанрӣ дар осори илмии оид ба санъати сухан ва ё санъати бадеӣ зикр наёфтааст, ҳарчанд ки дар як қатор маҷмӯаҳои дар солҳои гуногун нашршудаи назми шифоҳӣ мафҳуми «дубайтӣ» ба назар мерасад. Дар маҷмӯаҳои назми шифоҳӣ, ки солҳои 1938, 1940 ва 1957 бо номҳои «Намунаи фолклори тоҷик» ва «Фолклори тоҷик» нашр шудаанд, вожаи «дубайтӣ» ба назар намерасад.

Дар маҷмӯаи «Рубоиёти халқӣ»-и Абдусалом Деҳотӣ (1958) «дубайтӣ» бо ҳамин ном ва ё вожа қисмати алоҳидаро ташкил медиҳад. Дар «Фолклори Данғара» (2002) мафҳуми «дубайтӣ» бо «рубоӣ» якҷо зикр ёфтааст. Ин мафҳум ва ё вожа дар «Фолклори Кӯлоб» (2007) ифода нагардидааст. Дар асари илмии Р. Амонов, ки ба эҷодиёти даҳонии мардуми Кӯлоб ва таҳқиқи назми ғиноии шифоҳӣ бахшида шудаанд, вожаи «дубайтӣ» ифода наёфтааст. Муҳаққиқони назми лирикии шифоҳӣ рубоӣ ва дубайтиро аз ҷиҳати мазмун як чиз дониста, зикри вожаи «рубоӣ»-ро матлуб ва муносиб донистаанд.

«Гулдастаи таронаҳо»-и фолклоршинос Додоҷон Обидов, ки эҷодиёти даҳонакии тоҷикони Афғонистон аст, дар он дубайтиҳо ба сифати фасли алоҳида баррасӣ шудаанд ва маҷмӯа соли 2008 ба табъ расидааст.

Дар рисолаи илмии суханшиносони маъруф Т. Зеҳнӣ «Санъати сухан» (1992) мафҳуми «дубайтӣ» зикр наёфтааст. Зиёда аз ин дар «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розии бузург мафҳуми «дубайтӣ» дучор намешавад.

Шояд ҳамаи муҳаққиқон ва мураттибони назми ғиноии китобӣ ва шифоҳӣ аз ҷиҳати мазмун тафовути ҷиддӣ надоштани ин ду шакли жанриро дар назар дошта, танҳо вожаи «Рубоӣ»-ро корбаст кардаанд.

Ба назарам, ин сабку услуби муҳаққиқони назми ғиноии шифоҳӣ дуруст аст. Зеро дар байни рубоӣ ва дубайтӣ аз ҷиҳати мазмун тафовуте нест. Тафовут танҳо дар вазн мушоҳида мешавад. Рубоӣ бо ҳиҷои кушод (дароз) оғоз мегардад ва рукнҳои аввали мисраъҳои он дар

шаҷараи ахрам ё ахраби баҳри ҳазаҷ сурат мегирад ва ё мувофиқ меоянд.

Чунончи:

1. Занҷири сари зулфи ту маҷнунам кард,
Нодидани рӯи ту ҷигархунам кард.
Ногаҳ назарам фитод бар холи лабат,
Холи лаби ту зи шаҳр берунам кард.

Рукни вазн:

Мафъулу мафоӣлу, мафоӣлун, фаъ.

Мисрави севвум:

Мафъӯлу, мафоӣлун, маъфӯлу, фаъал.

Ё ин ки

2. Эй лоларухо, доғи ту ҳасрат моро.
Афтода ба рӯи ту муҳаббат моро,
Пайкони ту бар синаву доғи ту ба дил,
Армони ту то рӯзи қиёмат моро.

Рукни вазн;

Мафъулу, мафоӣлу, мафоӣлун, фаъ

Дубайтӣ аз ребоӣ асосан бо вазни хосси худ фарқ мекунад, ки рукни вазнаш ин аст:

Мафоӣлун, мафоӣлун, фаъӯлун

1. Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида биншондам дарахте.
Шамол омад, дарахтам решакан шуд.
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.

2. Ало духтар, ки рафторат маро кушт.
Садои кафши булғорат маро кушт.
Садои кафши булғорат чӣ бошад,
Ҳамон чашмони хумморат маро кушт.

Чунон ки мебинем, дар ин ду шакли шеъри шифоҳӣ аз ҷиҳати мавзӯъ тафовуте мушоҳида намешавад. Бино бар ин, мо ҳам гулчини шаклҳои шеърии назми шифоҳиро рубоӣ ном гузоштем, ки он дар асоси маҷмӯаҳои зикршудаи фолклорӣ, як силсила маҷмӯаҳои фолклории пештар ва баъдтар чопшудаи фолклори тоҷик ва эҷодиёти даҳании тоҷикони Афғонистон, ки дар кишвари мо нашр шудаанд ва бойгонии хеш, ки дар давоми 50-соли фаъолияти илмӣ ва омӯзгорӣ дар донишгоҳи олӣ ва сафарҳои илмӣ гирдоварда шудааст, мураттаб сохтем ва ба ошиқони дилфигор ва ватандӯстони бешумор ҳадя намудем.

*А.Сӯфизода 25 феврали 2010.*

Хонандагони гиромӣ ҳар яке аз шумоён таронаву рубоиёти зиёдеро медонед. Онҳоро аз модару момои худ шунидаед ва табъу завқи худро ба ин восита сайқал додаед ва медиҳед ва дар хотири худ нигоҳ медоред. Аз шумо таманно дорам, ки ҳангоми мутолиаи ин китоб рубоиёту дубайтиҳои ба хотиратон омадаро ва ё вариантҳои тозаам ба суроғаи зерин бифиристед.

Шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Шӯъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон.
Шоду пирӯз бошед!

***Асадулло СӮФИЗОДА***

## РУБОИҲО

Ман шишта будум, ки гул ба дарвоза гузашт,
Рӯмоли саруш чорбоға пӯшонда гузашт.
Гуфтум, ки «Куҷо меравӣ, эй булбули маст?»
Гуфто, ки «Ба гап нагир, вақтум бигузашт».

Ман меравуму нигори ман мемонад,
Сабр аз дили беқарори ман мемонад.
Чуғзе ба сари кулбаи мо омаду гуфт:
«Ин кулбаи вайрона ба мо мемонад».

Ман мераваму намеравад ҳамраҳи ман,
Бевақт шудаст, кӯҳу биёбон раҳи ман.
Шерони ҷаҳон наъра зананд бар сари ман,
Ман наъра занам: «Куҷо шудаст ҳамраҳи ман?!».

Мо кавгонем, ҳечаи мо дар камар аст,
Мо беморем, очаи мо бехабар аст.
Очама бигӯ куртаи ғам пора кунад,
Шав дар таҳи сар монаду рӯз нола кунад.

Хешон, ҳаматон ба ҳам ғарибум карден,
Аз мулки падар хуш бенасибум карден.
Аз мулки падар саҳари мардон рафтум,
Ду чашм пури обу ду дида гирён рафтум.

Эй зоғи сиё, ту меравӣ, гӯшот кар,
Хавари мара ба пешаки ёрум бар.
Аввал, ки рафтӣ, гиряву зорима бигӯ,
Бовар, ки накард, доғи ҷудоима бугӯ.

Наълат ба касе, ки аз ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.
Чархи фалаке гардаду орад ба ватан,
Ин мурдаи садсола зи нав зинда шавад.

Ин хонаи ту болотар аз хонаи ёр,
Аз хонаи поёнӣ баромад Гулинор.
Гуфтум: «Гулинор, чаро ту паҷмурдаҳол»,
Гуфто, ки «Ғарибаму кулфат бисёр!»

Кӯлоб ғариб, раҳаки Кӯлоб ғариб,
Бемор шудум, ба сар наёфтум табиб.
Ку падару ку модар, ку хешу қариб,
Бегона чӣ донад, дар куҷо мурд ғариб.

Як дастаи гул аз Бадахшон моем,
Дур аз Ватану ҷудо зи дӯстон моем.
Дӯстора буген, ғами бисёр нахуранд,
Аз сафари кардагӣ пушаймон моем.

Ватан ба мисоли гули садбарг бувад,
Аз бееватанӣ ранги рухам зард бувад.
Аз беватанӣ, ҷӯра, мондам ҳайрон,
Ин зиндаҷудоӣ бадтар аз марг бувад.

Аз хона баромадум, оҳи сардум,
Сӯйи ватани падар нигоҳе кардум.
Сӯйи ватани падар шукуфтаст лола,
Сад вою дареғ, худма ғарибгӯр кардум.

Борони баҳору дидаи намнокум,
Борон, ту бибор, сабза дамад дар хокум.
Оё зи кадом чашма нӯшам дами об,
Оё ба кадом беша бошад хокум?

Сарчашмаи боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду ҳавову бӯстонай ватанум.
Гар боди сабо боз барад бар ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Ҳаргиз нагирад шохи сафедор ангур,
Ҳаргиз наравад меҳри ту аз қалбам дур.
Не хотири зӯр дораму не хеши қариб,
Оҳ аз дили садпораву ҷавр аз раҳи дур!

Рафтум ба ғарибиҳо, ғарибӣ кардум,
Сад косаи оби талха ширин кардум.
Сад косаи оби талх ширин нашуд,
Ин сайра барои дили ғамгин кардум.

Биё, биравем аз ин вилоят ману ту,
Ту дасти мара бигиру ман домани ту.
Чанде биравем, ҳарду бемор шавем,
Ту дар ғами ман бинолу ман дар ғами ту.

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Кошке, ки гадо мешуд ба Канъон хуштар.

Имрӯз мусофирум аз дарду ғамут,
Шояд ки аз сина барорум аламут.
Ҳар ҷо ки равум, бе ту ғамнок манум,
Боз гаштаву сар монум ба пои қадамут.

Эй кӯҳи баланд, саргаҳта боло бинум,
Маҳтоб, баро, шуълат ба дарё бинум.
Чанд вақт шудаст, зиндаҷудо мегардум,
Як бори дигар хешу таборо бинум.

Сазои сарам ба ин мусофир шуданам,
Ин гӯшаи мулки мардумон шуд ватанам.
Ку дӯсти ширин, мара барад бар ватанам,
Сангора хурам, ёди ғарибӣ накунам.

Наълат ба сарам ба ин мусофир шуданам,
Ин мулки мусофирӣ шудаст дарди сарам.
Як бори дигар Худо барад бар ватанам,
Савганд мехӯрам, ёди ғарибӣ накунам.

Аз ҷониби мо рафта ба он ёр бигӯ,
Ин нолаи булбула ба гулзор бигӯ.
Аввал, ки рафтӣ, рафиқ аз мо пурсад,
Рафиқи маро саломи бисёр бигӯ.

Очам дур аст, хат равонаш бикунам,
Як қавза гула чинда, равонаш бикунам.
Як қавза гули чиндаву як ночинда,
Ҷонакма даруни най равонаш бикунам.

Эй бор Худо, маро ҷаҳонгард макун,
Аз баҳри тамаъ ранги маро зард макун.
Аз баҳри тамаъ ранги маро зард кардӣ,
Муҳтоҷи дари хонаи номард макун.

Дар мулки мусофирӣ дилум ҳаст хиҷил,
Не дӯсти азиз дорум, не хеши қариб.
Бечораи бекасум, биё, дастум гир,
Дар мулки шумо мисоли ман нест ғариб.

Рафтум ба Қаротегин, дидум Ғарма,
Поёни Қаротегин Обигарма.
Модарма буген, ки бачаат беморай,
Ҷон дар кафи даст маҳтали дидорай.

Нумоли бирешимира торуш моем,
Ин ҷавони рафтагира ёруш моем.
Ёруш моем, дар суроғаш моем,
Шавҳои дароз дар хаёлуш моем.

Эй аспи сиё, маро ба Кобул бари чӣ?
Қамчин занум маро ба соҳил бари чӣ?
Нуқра хараму сумбота гулкорӣ кунум,
Як бори дигар маро ба манзил бари чӣ.

Эй духтари ҳамсоя, аҳволи ту чист?
Бе бӯсаву беканор шаб ёри ту кист.
Шаб ёри ту мо будем, мо ҳам рафтем,
Баъд аз сари мо ёри вафодори ту кист?

Эй очаи ҷон, ягон-ягон ёдам кун,
Хокистари кӯи ту шудам, бодам кун.
Хокистари кӯи ту шудам, боди фано,
Аз мулкҳои ғарибӣ озодам кун.

Ин нақша ба девор аз қалам мебинам,
Аз беватаним аз худ алам мебинам.
Инҳо ҳама меҳнатанд, саргардонӣ,
Бо умри дурӯзаам ситам мебинам.

Чапкандӣ баланду сояаш салқин аст,
Ин ҷӯраи нозанини мо ғамгин аст.
Эй ҷӯраи нозанини мо, ғам нахурӣ,
Ин зиндаҷудоӣ бар сари чандин аст.

Эй акаи ҷон, дар ғамат беморум,
Тире задаӣ дар ҷигари бирёнум.
Ту тир назан, ҷигарма бирён накун,
То зинда будан дар ғамат беморум.

Ин чуваки арчагира дар мекардум,
Ин додари рафтагира шаҳ мекардум.
Ман медонистум, ӯ вилоят мерава,
Роҳҳои вилоята банд мекардум.

Иру хона урӯ кабутархона,
Қум-қум мекунад ду кафтари бегона.
Гуфтум биравум об диҳум ё дона,
Монуш бираванд ҷонварои нодона.

Имсол ғариб шудем дар шаҳри шумо,
Фардо меравем, ғанимат аст рӯи шумо.
Тақдири Худо будаст, ин рӯзи сиёҳ,
Дар гӯшаи ғарибӣ мондем танҳо.

Дар роҳ будум, ки марг омад зи пасум,
Эй марг бимон, ки ман ба хонам бирасум.
Ба хонам расум, ҷамъ шаванд хешонум,
То дида ба дӯст афтад, барояд нафасум.

Дар ғарибӣ дард расад дар баданум,
Оё кӣ канад гуру кӣ дӯзад кафанум?
Тобути мара сӯи баландӣ бубаред,
Шояд ки расад бӯи ватан дар баданум.

Ман булбули мастаму, чаман нест маро,
Ман марди мусофирам, ватан нест маро.
Ин умри азиз, ки беватан мегузарад,
Кардам сафари дуру кафан нест маро.

Ду беди баланда сар ба сар мебинум,
Фарзанди азиза дар сафар мебинум.
Фарзанди азиз домано барзадагӣ,
Сесад гули ҷудоира дар сар задагӣ.

Ситора баланду маҳ баланд аст имшаб,
Аз феъли бадум фалак ба ҷанг аст имшаб.
Ҳар шаб сари зулфи ёр болинум буд,
Болини мани ғамзада санг аст имшаб.

Фарёд зи дасти фалаки бебокам,
Овора бикард гардиши афлокам.
Оё зи кадом чашма нӯшам дами об,
Оё ба кадом беша гузоранд хокам?

Фарёд ҷудоему ҷудо мегардем,
Бо амри Худо зиндаҷудо мегардем.
Амре бишавад, ки мо биёем ба ватан,
Соҳибватанем, ватанҷудо мегардем.

Ёди ту кунам, дилам кафидан гирад,
Хун аз дили зори ман чакидан гирад.
Ҳар қатраи хуне бичакад аз мани зор,
Резад ба замин, сабза дамидан гирад.

Ҳавора бинед, абри борон кардаст,
Ёри мара бин, сафари поён кардаст.
Поён дур аст, раҳаки поён дур аст,
Раҳ рафтани поёнаш азоби гӯр аст.

Сад вою дареғ, дар ғарибӣ мурдем,
Дур аз ватану ҷудо зи дӯстон мурдем.
Як порча хате навис ба ҷамъи дӯстон,
Бечора будем, аҷаб пурормон мурдем.

Як ёраки майдаҳакма поён бурданд,
То қаллаи Данғара намоён бурданд.
То қалъаи Золи Зар намоён ёрум
Як села кабутарма ба поён бурданд.

Эй ҷӯраи ҷон, ҷонакум дар ҷонут,
Дилгир шудам аз рафтани поёнут.
Ҳеҷ кас намеёбум, кунум пайғомут,
Дар барги гули санҷид нависум номут.

Ин дашти калон, гул ҷудо, лола ҷудо,
Аз дусто фаромушему аз хешо ҷудо.
Парранда шавему пар кушоем ҳама ҷо,
Хавар бигирем аз дустои зиндаҷудо.

Дулонаи ноб дорум, дар майдон аст,
Як додари хуб дорум, дар поён аст.
Поёнуш наген, ки ҷигарум бирён аст,
Сухтаст ҷигарум дудғалаш дар осмон аст.

Аз боғи падар ниҳоли корим рафтаст,
Аз хони падар кабки ҳилолум рафтаст.
Мардум меган: «Духтар чаро менолӣ?»
Фарзанди падари ёдгорим рафтаст.

Ёрум рафтаст, ба лаб намехандум, ман,
На сар мешӯм, на курта мепӯшум, ман.
Корвони Ҳисор омад, пурсидум ман,
Гуфто, ки надидум, намешиносум ман.

Ёрум рафтаст, кадом раҳа тай бизанум,
Зардови дилум ҷамъ шудаст, ҷар бизанум.
Зардови дилум қӯшагули сиёгӯш аст,
Ҳайрон мондам, кадомша дар сар бизанум.

Ин абри баҳор ғубори миҷгони ман аст,
Қӯқанд меравӣ ту, ларза дар ҷони ман аст.
Ҳар ҷо, ки равӣ, оби сафед пеш ояд,
Ин оби сафед чашми гирёни ман аст.

Маҳ мераваду ситора пас мемонад,
Номард меравад, ёра ба кас мемонад.
Номарда бинед, худакша мард мегирад,
Ҳолаш меган: Зорӣ ба панҷ мегиряд.

Ин маҳ меравад, ситора пас мемонад,
Ака меравад, хоҳар ба кас мемонад.
Эй ака, бигард, хоҳарта соҳибӣ кун,
Ин хоҳари ту ба хору кас мемонад.

Эй ёраки ҷон, биё бурем тай соя,
Ман най бикашум, банди дилут бикшоя.
Не тутакум мераваду не тай соя,
Ёрум биёяд, банди дилум мекшоя.

Оча ба Қаротегину духтар ба Ҳисор,
Оча гули санҷид аст, духтар гули хор.
Рӯзе ки шавад, бишканад қулфи Ҳисор,
Ин духтару ин оча бубинад дидор.

Кӯлоб меравӣ, ҷӯра, ба ёдут бошум,
Семоҳа рафиқи дили шодут бошум.
Семоҳа рафиқи дили шод бисёр аст,
Шабҳои дароз дар канорут бошум.

Ин беди баланд баргакош зард шудаст,
Поям ба вилояти дигар банд шудаст.
Побанд шудаст, рангакум зард шудаст,
Рухсатум бидеҳ, ки дилакум танг шудаст.

Аз тори ҳаво борон боридан гирад,
Дар рӯи замин сабза дамидан гирад.
Ҳар ғот мара хумори рӯят гирад,
Як оҳ кашам, сабзаи тар дар гирад.

Аз рафтанакот ғубор гирад дили ман,
Сад нолаи зору зор гирад дили ман.
Мардум меганд: «Гиря накун, боз ояд»,
Кай ояду кай қарор гирад дили ман.

Дарёи Сурхов, ба ту аламҳо дорум,
Як даста гула болои дарё дорум.
Як даста гулум болои дарё чӣ хуш аст,
Як акаи мусофири танҳо дорум.

Гаҳ чашмаки чап парраду гаҳ чашмаки рост,
Табларза ба тан доруму ёрум ба куҷост.
Ёри ҳама шод шистаст дар хонаи худ,
Ёри мани н-осуда кӣ донад, ба куҷост.

Дарёи Сурхоб, ба ту аламҳо дорум,
Як даста гуле урӯи дарё дорум.
Як даста гули баставу як нобаста,
Истода зи дур ӯро тамошо дорум.

Себе ки ту додаӣ, тамомаш хол аст,
Як рӯза ҷудогият ба ман сад сол аст.
Се сол шудаст, ки дар ғамут менолум,
Рухсораи зарди ман гувоҳи ҳол аст.

Ин беди баланд саргаҳаш ҳуҷраи Нур,
Ман барои ту чӣ рой кунум, акаи дур?
Не аспи даванд дорум, не хотири зур,
Оҳ аз дили пора-пора, ҷавр аз раҳи дур.

Аз хона баромадум, нигоҳи ту кунам,
Қӯқанд меравӣ, ҷонма фидои ту кунам.
Мардум гӯянд: «Рӯмол меорад ёрат»,
Рӯмолша чӣ кор кунам, худаш биёяд.

Сафар кардӣ, сафари дур кардӣ,
Худат рафтӣ, маро ранҷур кардӣ.
Худат рафтӣ барои моли дунё,
Диламро хонаи занбур кардӣ.

Бачам рафтаст, дилум хароб аст имрӯз,
Дар ҳар миҷаам қатраи об аст имрӯз.
Мардум гӯянд: «Бихоб, хобаш бинӣ»,
Эй бехабарон, чӣ ҷои хоб аст имрӯз.

Аз ту, ки ҷудо шавум, қарорум нест,
Ҳоҷат ба қасам хурдани бисёрум нест.
Фардо, ки маро баранд саҳрои биҳишт,
Саҳрои биҳишт бе ту даркорум нест.

Аз омаданут агар хавар медоштум,
Дар рӯи раҳут гули суман мекоштум.
Гул мекоштум, поҳота дар хок намон,
Хоки қадамут ба дида мебардоштум.

Хуш мегузарӣ ба ин раҳи руфтаи ман,
Оташ мезанӣ дар ҷигари сухтаи ман.
Оташ мезанӣ, ки месӯзад хору хасе,
Месӯзаму дам намезанум ба касе.

Ин бачаи ман аз ин ҷо ғофил шуду рафт,
Бо мардуми Балҷувон моил шуду рафт.
Гуфтум, биравум ура суроғуш бикунум,
Кима ба ягон кӯча мусофир шуду рафт.

Ман мемурам, гурам кунед зуди ба зуд,
Тобути мара қалам кашед сурху кабуд.
Ҳар раҳгузаре пурсад, ки «Ин хоки кӣ буд?»
Ин хоки ҷувоне, ки мусофир шуда мурд.

Мо ҷуфти кабутарем, аз села ҷудо,
Порина қатӣ будему имсол ҷудо.
Порина қатӣ будем, қатӣ мегаштем,
Имсол, ки ҷудо шудем, ба ғам пайвастем.

Ёрам рафтаст, дилам намегирад қарор,
Аз сӯзиши дил такя задам бар девор.
Мардум меган: «Дилат чӣ бесабру қарор?»
Бесабр дили ман бошад, бераҳм дили ёр.

Дар сараки санг шинум, туро ёд кунум,
Монандаки кавги тоқа фарёд кунум.
Кавго ҳама ҷӯра-ҷӯра карданд парвоз,
Ман ҷӯраи ҷон гӯяму фарёд кунум.

Эй бод, биваз, ки гандумам тоза шавад,
Эй ёр, биё, ки дили ман шод шавад.
Эй ёр надонистам макони ту куҷост,
Ҷонум ба ту пайванду танам аз ту ҷудо.

Дил бахшаки ту дами ба дам мегиряд,
Аз фарқи сарут то ба қадам мегиряд.
Мегиряму зор менависам нома,
Аз гиряи зори ман қалам мегиряд.

Дар боғ даром, сайри гули лола кунум,
Дар хона миём, ҳазору як нола кунум.
Дар хона будум, рӯта надидум ҳаргиз,
Ханҷар бигирум, рӯи ҷигар пора кунум.

Дар боғ будам, бӯи ту дар боғ омад,
Як гул кандум, номи ту дар ёд омад.
Як гул кандум, варақ-варақ пора шудаст,
Ин ҷигари сӯхтагим ба фарёд омад.

Ман садқа шавум бунафшаи кӯҳира,
Ғамгинии додари раҳдурира.
Қариб будем, ҷангу ҷадал мекардем,
Ҳозир мекашем ҷафои раҳдурира.

Афтоби сари аґба паноҳ кард мора,
Як хандаи ширинут адо кард мора.
Як хандаи ширинта дӯст медорум,
Тақдири Худоро бин, ҷудо кард мора.

Аз дурии дуриҳо дилам гашта кабоб,
Аз дидаи интизор ҳамерезад об.
Гар нолаи зори ман ба гӯшат бирасад,
Бишнаву бидон, ки ин нолаи дили хароб.

Дур рафтаӣ, эй ҷӯра, хабар нест маро,
Сӯхтаст ҷигарум, чора дигар нест маро.
Ман ҷониби ту қанот барорум, бипарум,
Афсӯс, чӣ кунум, ки болу пар нест маро.

Ёрам, ёрам, дар ғамат беморам,
Пучалагуле дар ҳар сари деворам.
Ту гуфта будӣ боз тирамоҳ меоям,
Чоршанбеву панҷшанбе чашми чорам.

Аз тори ҳаво нусхаи зар мегирум,
Аз ёраки раҳдурим хавар мегирум.
Хавар нагирум сӯхтаву дар мегирум,
Сангои хунука дар ҷигар мегирум.

Чашмам ба раҳи омаданат чор шудаст,
Гулҳои ҷаҳон дар назарам хор шудаст.
Гулҳои ҷаҳонро бӯ кашам, бӯи ту нест,
Шаҳрора ба шаҳр занум монанди ту нест.

Ёрум таги кӯҳ, худум таги кӯҳпора,
Ёрум раҳи дур, ҷигарум садпора.
Лаънат ба касе ёра бегона гирад,
Бегона гирад, бо дили садпора гирад.

Фарёд кунум, намерасад овозум,
Дар гардани нозуки ту даст андозум.
Дар гардани нозуки ту дастум нарасид,
Дар хонаи душмани ту санг андозум.

Ин кӯли дароз об надорад, чӣ кунум?
Ду чашми сарум хоб надорад, чӣ кунум?
Ду чашми сарум роҳи тура менигарад,
То ту миёӣ, ҷавр аз сарум мегузарад.

Эй очаи ҷон, лаб-лаби дарё шавӣ, чӣ?
Монандаки моҳи нав пайдо шавӣ, чӣ?
Монандаки моҳи нав бубинум рӯта,
Дар барги гули санҷид бигирум бӯта.

Афтови паси аға барояд, манум,
Хоҳар зи фироқи ака гиряд, манум.
Ку акаи дилсӯз, ки гӯяд хоҳарум,
Дар мулкаки ғарибӣ сӯхтаст ҷигарум.

Омад-омадут омади бозаргон аст,
Наёмаданут ба ман балои ҷон аст.
Обе ту хурӣ, аз даруни киштӣ,
Киштӣ ба даруни об саргардон аст.

Лайлӣ манаму Маҷнун лаби обанда,
Булбул манаму гул дашти Кӯлобанда.
Маҷнуни ҳарис ёди дилбар мекард,
Лайлӣ зи фироқ хок бар сар мекард.

Ёракма бубин, тоқии нақшин дорад,
Лайлира бубин, фироқи Маҷнун дорад.
Лайлӣ манаму Маҷнун лаби обанда,
Булбул манаму гул дашти Кӯлобанда.

Дарвоза баланду сояаш салқин аст,
Ин ҷӯраи майдаҳаки мо зиқ аст.
Эй ҷӯраи майдаҳаки мо, ғамгин мабош,
Ин зиндаҷудоӣ бар сари чандин аст.

Чойлови баланд дорӣ, пешаш боғ аст,
Синаи сафед дор, дилум доғ аст.
Доғ аст, доғ аст, меваи хуб дар боғ аст,
Ҳайфи саname, ба дасту чанги зоғ аст.

Чархофалако, маро ба чарх овардӣ,
Кӯлоб будам, маро ба Балх овардӣ,
Кӯлоб будам, оби ширин мехӯрдам,
Саргашта маро ба оби талх овардӣ.

Шамоли саропушта меларзонад,
Нолишой акам ҷигарма месӯзонад.
Хабар бикунед холаи раҳдурима,
Биёя, бубина акаи ормонима.

Пештоқи баланд дорӣ, пешаш якатут,
Гаҳ зоғи сияҳ шинаду гаҳ ғулбаи кабуд.
Ҳар касе мара аз ту ҷудой фармуд,
Гӯраш пури оташу кафанаш пури дуд!

Дар хирмани тоза донае нест акама,
Аҷал омадаст, баҳонае нест акама.
Аҷал омадаст, ҷони акам дар тапу тӯп,
Сад вою дареғ, нишонае нест акама.

Ситораи равшанма куҷо кардӣ, фалак?
Субҳа зи миёни шаб ҷудо кардӣ, фалак.
Маро зи фалак то ба қиёмат гилааст.
Аз акаи ширинум ҷудо кардӣ, фалак.

Гул дар об аст, гули калон дар об аст,
Ҳайфи акам, ки дар биёбон хоб аст.
Хоб аст, хоб аст, рӯш сини афтоб аст,
Дамуш назанед, ки бадануш зардоб аст.

Ситора будум аз ҳаво канда шидум,
Ман – духтари беака аҷаб ганда шидум.
Ин духтари беакара рӯяш шум аст,
Ҳар шому саҳар каловаи саргум аст.

Қадоваи Балҷувон сангои дурушт,
Як това-да зар коштем як това-да мушк.
Не парвои зар дорему не парвои мушк,
Ин ёраки раҳдурира ғамош мора кушт.

Борони чарақостӣ, мо дар нигасем,
Мардумо ака меганд, мо дар ҳавасем.
Духтарони акадор куртаи нав мепӯшанд,
Мо, ки беакаем хока бар сар пошем.

Ситора баланду моҳ баланд аст, имшаб,
Аз қаҳри Худо фалак ба ҷанг аст, имшаб.
Гуфтум биравум пеши фалак арз кунум,
Ин арзи мара фалак напурсад, чӣ кунум?!

Имсол чӣ сол аст, алафҳо ғура гирифт,
Ин очаи ман болои мазор хона гирифт.
Гуфтум, биравум, хабар бигирум рӯша,
Мағор дамидаст то каҷакҳои хушрӯша.

Ирӯ токаст, урӯ ниҳоли ток аст
Рухсораи сурхи баччаам дар хок аст.
Хок аст, хок аст, модаруш ғамнок аст,
Ин очаи н-осудаш гиребончок аст.

Як дардаки илоҳӣ гирифтаст сарма,
Ку дӯсти ширин, хабар диҳад модарма?
Модар чӣ куна дарду давои сарма,
Дар гӯшаи тобут бинум додарма.

Ин кутали пешоруи пешдумколум,
Хайруллои бепадари ғамбеморум.
Бо гардани кач мегӯӣ: «Оча дорум»
Азроил мега: «Парвои очат надорум».

Зорут куштан, зори ба зорут куштан,
Дар ёли мазор арчазорут куштан.
Он ҷое тура куштан, қумистон аст,
Хуни ҷигарут хуроки гундушкон аст.

Дар дашт будум, ғулғулаи ҷанг омад,
Шербачча будам, гурехтанам нанг омад.
Шамшери муғул ба гарданум танг омад,
Хуни ҷигарум ба ҳар сари санг омад.

Ман хоб будум таги дарахти гулдор,
Бедор шудам, отама бурдан мазор.
Отам гуфтаст: «Ятимомда саломи бисёр»,
Насибаи хонам будаст, дар шаҳри Ҳисор.

Гуфтум, биравум, сайри гули лола кунум,
Ҳар ҷо, ки бурам, доғи тура нола кунум.
Дар ширинии хов агар ба ёдам бирасӣ,
Оҳе бикашум, ҷигарма садпора кунум.

Як ёр дорум Дараи Мирон ватануш,
Аз барфи саропушта сафед аст бадануш.
Гуфтум, биравум, хиргаҳ занум дар гузаруш,
Ин хиргаҳи нозада биёмад хабаруш.

Булбул ба даруни боғ тоқ аст имсол,
Даруни дилум сухтакабоб аст имсол.
Даруни дилум кундаалов месӯзад,
Дӯстони ширин ҳама ба хобанд имсол.

Аз сари кор то хона фикр карда биём,
Дар хона акам нест, чӣ гуфта даром?
Хона бидаром, акам ба ёдум бизанад,
Хун аз ҷигарум бирезад, берун бибаром.

Ту ёри манӣ, биё, ба ман ёрӣ кун,
Мара мебаранд, ту гиряву зорӣ кун.
Мара мебаранд, шаҳри дигар мефрӯшанд,
Гар пул дорӣ, ҷонма харидорӣ кун.

Ин дашти дароз боди сабо мебаранум,
То гиря кунум, ҷавру ҷафо мебаранум.
Ман гиря кунум фироқи раҳдурима,
Фарзанди куҷояму куҷо мебаранум?

Борони баҳору дидаи намнокум,
Борон, ту бибор, сабза дамад дар хокум.
Борон, ки нашуд, сабза нашуд дар хокум,
Сад вою дареғ аз дилаки ғамнокум!

Ҷонона баҳор шудаст, кай меоӣ?
Вақти гули хор шудаст, кай меоӣ?
Ту ваъда ба барфои зимистон додӣ,
Барфо ҳама об шудаст, кай меоӣ?

Эй ҷӯраи ҷон, дар ҳаво қӯша равем,
Розои дила ба ҳамдигар гуфта равем.
Розои дила ба ҳамдигар гуфта нашуд,
Сирри диламона ба замин монда равем.

Саллаи сарут ғунчагули дулона,
Лабу даҳанут анори шириндона.
Ҳаргиз нагира муруди қандил дона,
Ҳаргиз нашавад ёри қадим бегона.

Се моҳи мусаллам асту се моҳи баҳор,
Гул дар ғами борон асту мо дар ғами ёр.
Мардум меган: «Бача шудаст паҷмурдаҳол»,
Дар дилум алов рехтаст аз баҳраки ёр.

Садбарги сафед, аз ту надорум озор,
Дар гӯшаи ҳавлии ту кардум бозор.
Се моҳи зимистон асту се моҳи баҳор,
Гул дар ғами борон асту мо дар ғами ёр.

Лаънат ба касе, ки бебародар бошад,
Дар рӯи замин чу мурғи бепар бошад.
Доман пури зар кунум, бародар бихарум,
Ин додари зархарид чӣ додар бошад?!

Дунё ба мисоли кӯзаи заррин аст,
Оби даҳанум гоҳ талху гоҳ ширин аст.
Ту ғарра машав, ки умри ман чандин аст,
Ин аспи аҷал ҳамеша зери зин аст.

Дар ғарибӣ гашта-гашта ранги зард овардаам,
Ранги зардамро ба пеши аҳли дард овардаам.
Ранги зардамро бубину аз хазонам ёд кун,
Бар сари қабрам нишину як даме фарёд кун.

Аз дурии дуриҳо дилам гашт хароб,
Аз дидаи интизор мерезад об.
Мебин, ки фалак мора ҷудо медорад,
Пайғом ба коғаз асту дидор ба хоб.

Ба тан як чити гулгун дора ёрум,
Дувоздаҳ банди кокул дора ёрум.
Дувоздаҳ банди кокул аз бирешим,
Ҳавои шаҳри Кобул дора ёрум.

Эй ёраки ҷон, биё, лаби об равем,
Як куртаи рӯмолӣ харем хоб равем.
Дар куртаи рӯмолӣ маро хоб набурд,
Биё дасти ба даст гирему Кӯлоб равем.

Боло меравӣ, қатит боло мерам,
Ту гул бичинӣ, ман пеши мулло мерам.
Мулло ба равишт, хатаки мулло ба равишт,
Ман садқаи он мулло, ки хатро бинавишт.

Ин беди баланд дар лаби дарёӣ,
Шиштам ба умед, ки рафтаӣ, меоӣ.
Гар биёӣ, бахти ману давлати ту,
Зоеъ нашавад ранҷи ману меҳнати ту.

Куртақаламӣ, хуш месузонӣ ту маро,
Аз лаъли лабут намечашонӣ ту маро.
Аз лаъли лабут ташна ба дарё рафтум,
Дилгир шудам Хуҷанд тамошо рафтум.

Боло меравӣ, боло шамолҳо дорад,
Гул мешукуфа, лола тамошо дорад.
Савдогара бин, молҳоша савдо дорад,
Ғамдор менолад, беғам чӣ парво дорад.

Сӯзани сарум афтода, зангор гирифт,
Ин баччаи амакӣ маро ёр гирифт.
Ин баччаи амакира гапой хунукуш,
Дар ағбаи Зардолу бигира зунукуш.

Дар сари ёрум рӯмоли сурхи дубара,
Дар рӯи сафед холой сиёҳи дусара.
Ҳар кас, ки аз ин холой сиё баҳра бара,
То кӯчаи Андиҷона овоза бара.

Ҳар кас, ки Фарғона рава, ёруш ман,
Рӯмоли бирешими сабукборуш ман.
Рӯмоли бирешими сабукбор нашуд,
Рав, ёракма бигӯ, ғамбардоруш ман.

Имсол чӣ соли пураломат бошад,
Аз ёрум ҷудо кардан қиёмат бошад.
Аз ёрум ҷудо кардан дилум месӯзад,
Ҳар ҷо бошад, Худо саломат бошад.

Ало духтар, ки дар шаҳрут ғарибум,
Шудам бемор, муҳтоҷи табибум.
Табиб аз мулки Ҳиндустон биёрен,
Магар хоки ватан бошад насибум.

Аз хона баромадум, чашмум ба нам аст,
Чашмум ба намасту дилакум пуралам аст.
Мардум меган, ки «Дар дилут чӣ алам аст?»
Ин доғи мусофирӣ гирдоби ғам аст.

Аз дур баромад як ҷавони гулинор,
Дастори калон дораду дар сар гули хор.
Гуфтум, ки куҷо мерай, ҷавони гулинор?
Гуфто, ки мусофирем, кулфат бисёр.

Румоли сарут ҳазор дол овардаст,
Ишқи ту мара ба ин диёр овардаст.
Ман ишқа чӣ кор кунам дар камбағалӣ?
Ин меҳру муҳаббата Худо овардаст.

Кошке ки намешуд хонатон дар гузарум,
Кошке ки намедидум, намесухт ҷигарум.
Ҳар вақте ба сӯи хонатон менигарум,
Об аз ду дидам резаду хун аз ҷигарум.

Эй зоғи сиёҳ, ту меравӣ гӯшот кар,
Хавари маро ба пешаки ёрум бибар.
Аввал рафтӣ, гиряву зорима бигӯ,
Бовар, ки накард, зулми золима бигӯ.

Эй беди баланд, саргаҳат сард шудаст,
Поҳом ба вилояти мардумон банд шудаст.
По банд шудаст, ранги рухам зард шудаст,
Рухсатталабум, дилакум танг шудаст.

Эй ҷӯраи ҷон, ҷонакум дар ҷонут,
Марворид кашум гирди лаби хандонут.
Касе надорум, бикунум пайғомут,
Дар баргаки зардолу навиштум номут.

Эй дӯст, бирафтему надидем дидор,
Дар ҳасрати абрӯи камонут мани зор.
Ту фурҷаи омадан надорӣ имсол,
Аз мо хати бандагӣ, дуои бисёр.

Қадди ёрум чун хадраи ангур аст,
Хуи ганда дорад, ки аз мо дур аст.
Дурам бошад, бо ҷураҳош машғул аст,
Аммо чӣ кунум, балои олам зӯр аст.

Ин бараву он барара пай мебинум,
Бародари рафтагима кай мебинум?
Мешинуму мехезуму дар мегирум,
Сангои хунука дар ҷигар мегирум.

Дар тораки бом шиштай, най метрошӣ,
Эй кутаҳҷувони хуб, аз кучо мебошӣ.
Ҳар ҷо биравӣ соқу саломат бошӣ,
Бо гардани качи мо бадавлат бошӣ.

Борону гирфи ғӯзаҳои лошӣ,
Эй отаи ҷон, дар кадом раҳ бошӣ.
Ҳар ҷо бошӣ, соқу саломат бошӣ,
Бо гардани каҷи мо бадавлат бошӣ.

Аз боло куланг омаду қушмурғобӣ,
Ошиқ шудаам ба духтари Кӯлобӣ.
Ин духтари Кӯлобӣ маро фанд бидод,
Аз мӯи саруш биканду токбанд бидод.

Ин баччара бин, сафари поён дорад,
Дар тори саруш шабнами борон дорад.
Эй бод, бирав хабар бикун борона,
То тар накунад саллаи навҷувона.

Ҷононаи ҷон, бараҳнапо мегардӣ,
Гирди сари ёри бевафо мегардӣ.
Гирди сари ёри бевафо гаштӣ, нашуд,
Худакта ғариб карда, ҷудо мегардӣ.

Аз раҳаки дуродур дил гашт хароб,
Аз дидаи интизор резад зардоб.
Рӯзе ки фалак қасди ҷудоӣ фармуд,
Пайғом ба коға засту дидор ба хоб.

Аз кӯча гузарӣ назар ба рӯи ту кунум,
Пайғома ба кас баҳри ҷамоли ту кунум.
Пайғомут кунум, мегӯӣ, девона шудаст,
Гар сабр кунум, мегӯӣ, бегона шудаст.

Ин рафтанакот рафтани бозаргон аст,
Дер омаданат ба ман балои ҷон аст.
Ов ки бихурӣ, ови даруни киштӣ,
Киштим ба даруни ов саргардон аст.

Маҳтоб шаб аст ман ба ҷое нарасум,
Дар хандаи рӯи ту ман дар ҳавасум.
Шаб дар ҳавасу рӯз дар доми қафасум,
Шояд ба муроди дил расум ё нарасум.

Эй ғунчамиён, дилма ҳавоӣ накунӣ,
Ошиқут манум ту бевафоӣ накунӣ.
Ошиқут манум дар ғамут месузум,
То марг наояд, зиндаҷудоӣ накунӣ.

Дар пуштаки қабристон як дулона,
Хуш хор шудем бо мардуми бегона.
Мардумони бегона моро кай донанд,
Доғои ғарибӣ то қиёмат монад.

Дар ғарибӣ будем, маҳтал гаштам,
Аз бахшаки ту, ҷӯра, қаландар гаштам.
Аз бахшаки ту, ҷӯраи каммеҳру вафо,
Омадам ба умед, ноумед баргаштам.

Истора шаб асту ман шабистон мурдум,
Ёрон ҳама ҷамъу ман парешон мурдум.
Онон ҳама аз дасти аҷал мемурданд,
Ман дар ҳақи ишқи он париҷон мурдум.

Ман хоб будум таги чанори пургул,
Бедор шудум, ки нола дорад булбул.
Булбул, булбуле, чӣ доғ дорӣ дар дил,
Гуфто, ки маро фалак ҷудо кард аз гул.

Ман хоб будам таҳи чанори пургул,
Бедор шудам, ки нола дорад булбул.
Булбул гуфтаме ту ноларо камтар кун,
Аз оби ду чашм барги гулро тар кун.

Саллай сарта шамол бурдан гирад,
Олам ҳама буи мушку анбар гирад.
Ҳар кас ки тура бараҳна дар бар гирад,
Лаънат ба саруш, ки ёри дигар гирад.

Ҳар шаб зи ғамат рӯма ба девор кунум,
Хушрӯии қомати тура ёд кунум.
Хушрӯии қомати ту, эй навданиҳол,
Розой дилам ҳамеша дар хок кунум.

Абр омаду қибларо ба як бор гирифт,
Зоғ омаду донара ба минқор гирифт.
Омад хабаре, ки бевафо ёр гирифт,
Аз гул бигузашту домани хор гирифт.

Ин шонаи шамшоди мани парканда,
Як апаву як хоҳари дилбарканда.
Хатте нависум, равон кунум Ёвонда,
Чун нест падар, бувад умедум канда.

Ирӯ хона, урӯ кабутархона,
Қум-қум мекуна ду кафтари бегона.
Гуфтум, биравум, об диҳум ё дона,
Монуш бираванд ҷонварой нодона.

Дарё ҷолаву миёни дарё ҷола,
Бишкаста шохой чанори панҷоҳсола.
Бишкаста шохой чанор афгорум кард,
Ғамои мусофирӣ ба нун зорум кард.

Мо булбули боғ будем, аз боғ мондем,
Кардем сафари Ҳисор, аз Роғ мондем.
Гуфтем, Ҳисор равем, беғам гардем,
Дар синаи худ ҳазору як доғ мондем.

Ман меравам у нигори ман мемонад,
Сабр аз дили беқарори ман мемонад.
Дар айни ҷавонӣ назаре бар мо кун,
Дунё гузарон асту ҳамин мемонад.

Давлатхотун, барги гули зардолу,
Як бӯса биде, ба дарди дилум дору.
Як бӯса намедиҳам, ки ту раҳгузарӣ,
Сад шаҳра ба шаҳр занӣ овоза барӣ.

Ҷонона, дар ин диёр ҳастӣ, ё не!
Бо қавли худат қарор ҳастӣ, ё не?
Бадномзадаи кӯи ту меган мора,
Бадномзадаро ту ёр ҳастӣ, ё не?

Себе ки ту додаӣ, тамомуш хол аст,
Ширинтар аз ин себ лабони ёр аст.
Себи ту агар нуқраву тилло гардад,
Ҳар ҷое равум, дилум адои ёр аст.

Эй ҷӯраи ҷон ҷигӣ-ҷигӣ ман мурдум,
Сад ҳайфу дареғ, ҷавони нодил будум.
Сад ҳайфу дареғ, ормонам нашикаст,
Ормони тура ба ҳар вилоят бурдам.

Ҷононаи ҷон, ҷонакум дар ҷонут,
Марворид чинум гирди лабу дандонут.
Дилгир шудам ба рафтаной поёнут,
Маҷнун шудам дар зулфакой печонут.

Эй очаи ҷон, бахчӣ калонум кардӣ?
Ширум додӣ, ситам ба ҷонум кардӣ.
Аввал ба азизиҳо калонум кардӣ,
Охир ба ғарибиҳо равонум кардӣ.

Дар болои Файзобод парира куштан,
Сабзинаҷувони ҳакарира куштан.
Сабзинаҷувони ҳакарӣ химчамиён,
Хабар бикунед, кабки дарира куштан.

Сангора чинум, раҳи гузар тӯда кунум,
Ҳар кас, ки ба боло биравад зора кунум.
Ин зораи ман ба гӯши ёрум нарасад,
Ханҷар бигирум, рӯи ҷигар пора кунум.

Дар ғарибӣ марг расад бар бадanум,
Қу модари дилсӯз, ки дӯзад кафанум.
Тобути мара сӯи баландӣ бибаред,
Шояд, ки расад бӯи ватан дар бадanум.

Дар гӯшаи бом шиштаст кабки ярадор,
Дил месӯзаду ҷигар кабоб аз баҳри ёр.
Ҳар кас, ки мара барад ба пешаки ёр,
Оби рухи ман резад чун абри баҳор.

Об дар кӯзаву ташналабон мегардем,
Ёр дар хонаву гирди ҷаҳон мегардем.
Сад сол агар шавем фидои номаш,
Аз доғу фироқи ёр ҷудо мегардем.

Ман омадаам ба дидани ҷонона,
Садбарги сафеди ман, баро аз хона.
Садбарги сафеди ман, баро, рухсат гир,
Боз омадани маро Худо медона.

Гул мегузарад, мавсими гул мегузарад,
Бархез, ҷавон, ки корвон мегузарад.
Имсол гузарад, соли дигар боз ояд,
То соли дигар умри ҷавон мегузарад.

Эй духтари сабзина, адои ту шудам,
Бечораву бенаво барои ту шудам.
Пур гаштаму пур дидаму, моил нашудам,
Он рӯз, ки туро дидам, девона шудам.

Ало духтар, таманнои ту дорум,
Назар бар қадду болои ту дорум.
Тамоми меваҳо дар боғи шоҳист,
Умед аз меваи боғи ту дорум.

Гандум лола, миёни гандум лола,
Ошиқ шудаам ба духтари қинғола.
Ин духтари қинғола ба мо дил дорад,
Чашмони сиё, забони булбул дорад.

Дар дари хонат сурфа қатор афтодаст,
Ду зулфи сиё дандони мор афтодаст.
Гуфтум, биравум, ба болинут сар монум,
Ин сурфаи ту ба ҷои мазор афтодаст.

Ғармаш, ғармаш гул бикун дона нагир,
Баъд аз сари ман ту ёри бегона нагир.
То он ки манам туро надиҳам ба касе,
Баъд аз сари ман ту донӣ, ҳар хору хасе.

Барногули ҷон, аз ҷамолут мастум,
Ҳаргиз нарасад гирди канорут дастум.
Эй субҳ, надам, ки ман ба ин гул мастум,
То субҳ дамид, гул парид аз дастум.

Румоли бирешими сабукборат ман,
Баҳота бигӯ, духтар, харидорат ман.
Ошиқони ту панҷрӯзагӣ ошиқанд,
Ошиқи якумра вафодорат ман.

Аз дур нигоҳ мекунам болора,
Ғармашақи сурхи лабаки дарёра.
Ғармаш, ғармаш гул бикуну ғӯра нагир,
Пас аз сари мо ту ёри бегона нагир.

Сар то сари деворат анор аст, ҷӯра,
Карашма накун, коро кашол аст, ҷӯра.
Карашма накун, болини сармонӣ нест,
Ошиқ шудаам, ҷои пушаймонӣ нест.

Қадди ёрум гулғунчаи дулона,
Лабу даҳануш анори шириндона.
Як бӯсаи шаб бидеҳ, як рӯзона,
Гашти сафарум шудаст, мерам хона.

Ман рӯи тура бинаму наврӯз кунам,
Шабро ба сари санги сиёҳ рӯз кунам.
Шабам ба сари санги сиёҳ рӯз нашуд,
Ҷонакма фидои ёри дилсӯз кунам.

Ду зулфи сиёҳи занҷабили хуши ту,
Ду наргиси пурхумори одамкуши ту.
Мардум меган: «Куҷо шуд ақлу ҳуши ту?»
– Ақлу ҳуши ман пеши ҷамоли хуши ту.

Аз кӯча гузар накун, ки мебинумта,
Аҳволи дили сӯхтама мепурсумта.
Аҳволи дили сӯхтама пурсида нашуд,
Сад сол гузарад, духтар, мегирумта.

Сангоби мазор дуру дароз афтодаст,
Раҳ гаштани баччаҷон ба ноз афтодааст.
Ман бед шавум, соя кунум роҳота,
Афтоб набарад қади хуши раънота.

Дар санги сиё алиф кашум, лом ояд,
Шояд, ки нигори ман лаби бом ояд.
Сабзиназанак бар лабаки бом ояд,
Ман оҳ кашум, дилум ба фарёд ояд.

Эй бачча, ки аз раҳи боло миёӣ,
Дутор сари даст тоқаву танҳо миёӣ.
Дар танаи дуторут кашум марворид,
Ёрут мегирум, дигар чӣ парво дорӣ?

Афтоб задаст дар сараки Кундонӣ,
Мурдум зи ғамут, рӯта намегардонӣ.
Дилут ба ману хотирут ҷои дигар,
Ин ҷигари сӯхтагима мерезонӣ.

Дар тори чанор ҳеча мондаст кафтар,
Монанди анор сина мондаст духтар.
Ман ҷӯй кашам, об диҳам кафтара,
Як шаб ба канори худ бигирум духтара.

Ситора залилу заъфарон аст имшаб,
Парвин ба миёни осмон аст имшаб.
Парвин, ту бирав, ба ҷои худ сокин бош,
Ин қиссаи ошиқон дароз аст имшаб.

Ёрум туву ҷонум туву ғамхорум ту,
Дорум ҳаваси чаллаи бозор аз ту.
Ту чала бихар, дасти мара нур диҳад,
Сад ёр бигирум, ёри вафодорум ту.

Себаргаву себарга, се оби равон,
Дар болои себарга шиштаст сн ҷавон.
Гуфтум, биравум сараки роҳи ҳамашон,
Як дидани дилкашум баҳои ҳардушон.

Эй духтараки сафедаки бӯи баҳор,
Шӯҳакта кушам, худта кунам беваи зор.
Шӯҳакма накуш, худма накун беваи зор!
Харбуза бихӯр, туро ба полез чӣ кор?!

Аз хона баромаданд се духтаракон,
Раҷабгулу Баҳмангулу Сафаргулҷон.
Гуфтам, биравам, бӯса гирам ҳар сешон,
Як бӯсаи Сафаргул баҳои ҳамашон.

Дар ҳавлии мо ду ҷуфтаки мурғобӣ,
Гулдаста манум, ҷои дигар мекобӣ.
Ҳарчанд кобӣ, ранги ман намеёбӣ,
Боз гашта биё, ҷои мара меёбӣ.

Қаддат ба мисоли ар-араст дар назарум.
Дил ҷои дигар дорӣ, ман бехабарум.
Ман бехабарум, дар ғамут садбарги тарум,
Ҳар ҷо, ки ту бошӣ, ман менигарум.

Ёрум ки намегирӣ, дилозорум макун,
Бахти аввалут мешам, мара хор макун.
Ҳар нохалафе ба ту бадгӯӣ кунад,
Баччаш бимира, ба дилакуш кор макун.

Ин моҳа бубин дар осмон садпора,
Нисфаш гули арғувону нисфаш лола.
Мардум меган: «Куҷо мерай, маҳпора»,
Гуфтум, ки «Ба пушта меравум якбора».

Ин себа ба савғоти лабут овардум,
Аз бахши гапи диношабут овардум.
Аз бахши гапи диношабут ҳосил нест,
Бо ҳилаву найранг ба гапут овардум.

Чашмак бизанум, ба гӯшаи бом ой,
Ман ҳила кунум, шояд ки дар дом ой.
Ман ҳила кунуму дон бипошам бар ту,
Шояд, ки ба бӯи дона бар дом ой.

Эй дилбари ҷон, ҳакарӣ мегардӣ,
Дар гӯшаи бом мисли парӣ мегардӣ.
Дар гӯшаи бом мисли парӣ одам нест,
Монандаки кабки саҳарӣ мегардӣ.

Эй ҷӯраи ҷон, пурҷафоӣ накунӣ,
Ман ёри туям, бевафоӣ накунӣ.
Ман ёри туям, дар ҳақат месӯзам,
То марг наояд, ҳаргиз ҷудоӣ накунӣ.

Ёри худакум заб ҳолати тангунда,
Уқоб шудаст, шиштаст сари сангунда.
Уқоб нашав, нашин сари сангунда,
Сад сол гардӣ, охир бизанӣ чангумда.

Ёракма бубин куртаи атлас дорад.
Бо ҳар миҷаааш хаёли ҳар кас дорад.
Ман пеши касе намеравум гулкобӣ,
Боғи амакум гулҳои наргис дорад.

Дар ҳавлии ман об набуд, об омад,
Себарга дамид, куртасафед сайр омад.
Эй куртасафед, куртаат баргаки бед,
Ҳама ба ту ошиқанд, мо ҳам баумед.

Як ёр дорум, пушта рафтаст, молбонӣ,
Сухтаст кафи пош, арақ кардаст пешонӣ.
Гуфтум, биравум, рӯмол харум пинҳонӣ,
Погиза кунум арақакои пешонӣ.

Аз хона баромад моҳи марҷонаки мо,
Дар пушти лабаш паяки дандонаки мо.
Куҷо меравӣ, эй моҳи марҷонаки мо?
Ҳар ҷо биравӣ, доғи ту дар ҷонаки мо.

Ман садқа шавум ҷангали серзаргӯша,
Ман садқа шавум духтари камзулпӯша.
Камзулпӯш аст, бӯса ба зар мефрӯша,
Мо камбағалем, ҷои дигар мефрӯша.

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,
Зеро ки адаб тоҷи сари инсон аст.

Ман омадаам лаби ту хандон нашавад,
Ман ёр гирум, дили ту вайрон нашавад.
Ту ёри дигар гирию ман ёри дигар,
Сад ёр гирум, ишқи ту пинҳон нашавад.

Духтар, духтар, аҷаб балое бишудӣ,
Бегона будӣ, било ошное бишудӣ.
Бегона будӣ, ба ҳар куҷо мегаштӣ,
Ба дарди дилум аҷаб давое бишудӣ.

Ман шишта будам, гурум-гурум бонг омад,
Дастум ба хамир ҷувонамарг боз омад.
Гуфтум, биравум, бӯсаи қарзиша диҳум,
Дар ҳуҷраи вайронам меҳмон омад.

Ҷононаи ҷон, бе ту ҷаҳонро чӣ кунам,
Бе ту гули сурхи арғувонро чӣ кунам?
Бе ту гули сурхи арғувон бисёр аст,
Дил майли ту дорад, дигаронро чӣ кунам.

Аз хона баромадӣ, эй хушҳаракат,
Остинут ба қад кашол, ҷонум садқат.
Ҳам падари хуб дорию ҳам модари хуб,
Як ҷони ширин дорум, сад бор садқат.

Ба кӯча гузар накун, ки мо бадномем,
Боз гашта нигаҳ накун, ки мо дар домем.
Ҳар вақте нигаҳ кунӣ, пушт гардонем,
Ба дил нагирӣ, ки сӯхтаву бирёнем.

Ин рӯ беду он рӯ бед, миёна садабед,
Ошиқ шудаам ба духтари куртасафед.
Эй куртасафед, куртата бод барад,
Дар миёнаи анорот мара хоб барад.

Аввал рафтӣ, назар ба чашмонаш кун,
Дуввум ба лабу севум ба дандонаш кун.
Чорум бинигар, ки хол дорад ё не,
Панҷум бишину ҷонта қурбонаш кун!

Рафтам сари ағбаву кардам ғамза,
Чиндам сари зулфи ёр, бастам дарза.
Эй дилбари ҷон, бишин ба рӯи сабза,
Қадди алифут ба мисли гул меларза.

Ман мегузарам ба пасаки хонаи ту,
Ба гӯшам расид садои дастмонаи ту.
Мурғони ҳаво дар ҳаваси донаи ту,
Ман дар ҳаваси канори мастонаи ту.

Ман хоб будам таги чанори дубара,
Бедор шудам, силсиламӯ шир мебара.
Бо куртаи сурхрангу бо аспи ала,
Дамуш назанен, ғамзакунон мегузара.

Ало духтар, ки бобоят гадо буд,
Ҳамон холи лабат холи куҷо буд?
Чӣ кор дорӣ ба бобои гадоям,
Ҳамон холи лабам хости Худо буд.

Ин куртаи суф ба қадди ёр зебанда,
Дер омаданаш барои мардум ганда.
Ёрам биёяд, гила кунам бо ханда,
Ту ёраки нав дорӣ, умедам канда.

Ҷонона, ки ҷот Калот бошад, мерам,
Савғоти лабат набот бошад, мерам.
Савғоти лабат набот бошад, чӣ кунам,
Сад соли дигар ҳаёт бошад, мерам.

Ин моҳи нава дар рӯи Лангар дидум,
Гӯшвори зарин дар гӯши дилбар дидум.
Гӯшвори зарин дар гӯши дилбар зебад,
Ду тукмаи зар дар пеши духтар дидум.

Бедут бошум такя ба бедут бошум,
Қаламкаши қалъаи сафедут бошум.
Қаламкаши қалъаи сафед бисёранд,
Дар миёнаи ду синай сафедут бошум.

Эй духтари ҳамсоя, маро ёр бигир,
Савғоти маро аз сари девор бигир.
Ин шаб, ки мара ҷои дигар металабанд,
То омаданам худакта бедор бигир.

Духтар, духтаре, ба кокулонат ҳалқа,
Ин шиштани пешорӯт куштаст халқа.
Ман медонам, ту қаҳра бар ман кардӣ,
Бар ҳар сари қаҳри ту сад бор садқа.

Шинам, шинам, ёди гули лола кунам,
Дар фасли баҳор ёди ту ҷонона кунам.
Сад сол гузарад, ба сӯи хокам ойӣ,
Бӯи ту расад, кафана садпора кунам.

Дар таҳаки бед нашин, ки бед калбед аст,
Ду зулфи сияҳ монанди маҷнунбед аст.
Ду зулфи сияҳ ҳалқа занам дар гӯшам,
Аз шиштани рӯ ба рӯ дилум баумед аст.

Аз дур сиёҳӣ мекунад чашмонут,
Монанди садаф сафедиҳой дандонут.
Як бӯса бидеҳ аз он лаби хандонут,
Савоби сарут, закоти фарзандонут.

Аз хона баромадум бозӣ-бозӣ,
Баста бурданд маро сагони қозӣ.
Тирдон бошад қушакамоне созӣ,
Дар синаи золимон тир андозӣ.

Биё бишинем, ёд кунем шабҳора,
Шабҳои дароз шистани якҷора.
Шабҳои дароз суҳбати ширин доштем,
Шабро ёбӣ дигар, наёбӣ мора.

Ин ёраки майдаҳаки аҳли дилакум,
Андохт Худо меҳри тура дар дилакум.
Рӯзе, ки шавад кунҷи лаҳад манзилакум,
Кирмо бихуран меҳри тура аз дилакум.

Ҷонона мара ишорати миҷгон кард,
Дегаш бимонду гандума бирён кард.
Дегаш бишикасту гандумаш пок бирехт,
Ёре, ки ба чанг омада буд, боз гурехт.

Мо кабконем, аз суи Роғ омадаем,
Ташна мондем, хурдани об омадаем.
Не ташнаву не гушна, не хӯрдани об,
Дилгир шудем, ёра суроғ омадаем.

Боло меравӣ ба рӯи гули гандум,
Эй ҷӯраи ҷон, холҳои лабта гардум.
Шарм аз падарум набоша, гапи мардум,
Парвона шуда гирди сарут мегардум.

Аз хона баромадум, фиребум додӣ,
Дастакма дароз кардум, себум додӣ.
Себера ту додаӣ дар рӯмолум,
Пучала шудаст, ба хуни дил мемолум.

Садбаргаму садпора шудам дар ғами ёр,
Бечораву рангзард шудам дар ғами ёр.
Монанди тамоку дар ғамаш месӯзам,
Хокистару ахгард шудам дар ғами ёр.

Дар таҳаки долонут долон дорум,
Як лаҳза ба шиштанот ормон дорум.
Як лаҳза бишин, ки бишканад ормонум,
Сар дар бағалут монум, бarояд ҷонум.

Духтар, духтаре, дар талошут бошум,
Дар фасли баҳор сабзаи ошут бошум.
Дар фасли баҳор сабзаи ош бисёр аст,
Як даста гуле миёни қошут бошум.

Сар то сари ёлаҳо бенам набувад,
Ҳаргиз дили ошиқон беғам набувад.
Беғам дили кӣ бошаду пурғам дили кӣ?
Беғам дили он касе, ки ошиқ набувад.

Сар то сари пуштаҳо гузар мекардум,
Чинда гули торона ҳавас мекардум.
Ҳар ҷо, ки шинум, даҳанма тар мекардум,
Аз ёраки майдаҳак ҳазар мекардум.

Эй ҷӯраи ҷон, биё, лаби об равем,
Дар курпаи рӯмолӣ мо хоб равем.
Дар курпаи рӯмолӣ маро хоб набурд,
Биё, дасти ба даст кунему Кӯлоб равем.

Аз хона баромад санами гулқарақош,
Дастпона ба даст дора, зулфаш чапу рост.
Гуфтам: Санамо, зулфи чапи ту тани мост,
Хандиду ба ғамза гуфт: Ин кори Худост:

Ман садқа шавум чашмони турконаи ту,
Ду чашми тарам мудом дар лонаи ту.
Як гап назадӣ, ки дилакум сард шавад,
То канда шавад пои ман аз хонаи ту.

Духтар ба даруни боғ мекард бозӣ,
Як духтари кӯлобию як дарвозӣ.
Аз духтари кӯлобӣ надорум гила,
Куштаст мара зулфи качи дарвозӣ.

Ман садқа шавум кӯтал баромаданта,
Чолбанди бирешимӣ сари гарданта.
Ҳар бор бичунбонӣ сарчолбандта,
Девона кунӣ ҷӯрай баландгарданта.

Имшаб чӣ шабест ситора зил-зил дорад,
Ёри мара бин, аспи сиё зин дорад.
Эй ёраки ҷон, сафар муборак бошад,
Ин роҳи сафед бахти кушодат бошад.

Эй духтараки сафеди гарданшолӣ,
Худ гуфта будӣ, ки об-да мерам ҳолӣ.
Рафтам, сари сарчашмаро бидидам холӣ,
Эй навданиҳол, магар дигар ёр дорӣ?

Дар боғ будам, ғулак доштум сари даст,
Дар фикр будам, омада гузашт қумрии маст.
Эй қумрии маст, биё, бишин дар сари даст,
Ман ҳам ошиқам, мерам дар ин роҳ башаст.

Ин обаки Панҷ меравад нақши ба нақш,
Ёри мара бин, ки меравад пои бакафш.
Ман садқаи поҳакошу ҳам садқаи кафш,
Ҳам садқаи дӯзанда, ки дӯхтаст ба дарафш.

Дар гӯшаи бом шиштай кабки ярадор,
Дил месӯзаду ҷигар кабоб аз баҳри ёр.
Ҳар кас ки мара бубара пешаки ёр,
Оби рухи ман резад чун абри баҳор.

Намози шом ғарибӣ рух ба ман кард,
Дилам ҷавлон бизад, ёди ватан кард.
Намедонам, падар кард ё бародар,
Маро гӯшанишини ҳар ватан кард.

Дилам решу дилам решу дилам реш,
Надорам толеъ аз бегонаву хеш.
Агар бегонаро бар сар шинонам,
Мисоли мору каждум мезанад неш.

Дурӣ зи ману зи ман саломат бодо!
Ҷону дили ман фидои номат бодо!
Ман бе ту нафас намекашам дар олам!
Бе ман ту нафас кашӣ, ҳаромат бодо!

Дар сабза нишин, ки сабза гулзори ман аст,
Ҳар сабза зи хуни дили афгори ман аст.
Ҳар ҷо, ки равӣ, макони пургул дидӣ,
Он ҷо манишин, ки манзили ёри ман аст.

Аз хона баромадум канда-канда,
Не фараи гап дорум, не аз ханда.
Ақлама Худо гирифт, ҳушма банда,
Дар миёнаи душмано шудум шарманда.

Ман хоб будам, пои мара мор газид,
Аз нолаи ман дара ба фарёд расид.
Мардум гуфтанд: Мусофира мор газид,
Н-осуда будам, сарам ба девор расид.

Эй себаки сурх, ман харидори туам,
Дар орзуи дидани дидори туам.
Дар мулки шумо мусофири беватанам,
Як бор ба забони худ бигӯ, ёри туам.

Мо булбули мастем, чаман нест моро,
Мо марди мусофирем, ватан нест моро.
Ин умри азиз, ки беватан мегузарад,
Кардем сафари дуру кафан нест моро.

Чашмони сиёҳ дорӣ, мо ҳам дорем,
Ту ноз накун, ки мо намебардорем.
Ту ноз накун, ки мо зи ту хубтаракем,
Ту дастаи гул бошӣ, мо беҳтаракем.

Ду-се рӯз аст, ки ёрам нест пайдо,
Магар моҳӣ шудаст, рафтаст ба дарё.
Бигаштам куҳ ба куҳ, саҳро ба саҳро,
Гирифтам ёри худ аз таҳти дарё.

Ало духтар, ду кокулта баҳо кун,
Закоти моли ошиқро ҷудо кун.
Закоти моли ошиқон чӣ бошад,
Бидеҳ бӯса туву раҳме ба мо кун.

Кафтар ба лаби оби Хуросон резад,
Ҳар шому саҳар фиғони мурғон хезад.
Ҳар шому саҳар фиғони мурғон чи хуш-аст,
Раҳме бишавад, бар дили ёрон резад.

Эй мурғ, нанол, ки шаб дароз аст ҳанӯз!
Эй субҳ, надам, ки вақти хоб аст ҳанӯз!
Парвин, ту бирав ба ҷои худ сокин бош,
Ин қиссаи ошиқон дароз аст, ҳанӯз!

Ин моҳа бубин, дар осмон ранг бизад,
Чил хушаи марворид сарбанд бизад.
Ҳар кас ки ба ёри мардумон чанг бизад,
Гул дар қадаҳу пиёла дар санг бизад.

Эй ҷӯраи ҷон, маҳтова шинонда биё,
Занҷири дари чорбоға ларзонда биё.
Занҷири дари чорбоға ларзонда нашуд,
Хотираки як ҷӯрама ранҷонда нашуд.

Имшаб чӣ шаб аст, ман ба хоби мастум?
Як лоларухе қапид зи банди дастум.
Эй субҳ, надам, ки ман ба ин гул мастум,
То субҳ дамид, гул парид аз дастум.

Бача, бачае, ки аз Бадахшон ой,
Дутор сари даст, чу кавги хандон ой.
Дар гӯшаи дуторут кашум марворид,
Мурдам зи ғамут, дигар чӣ парво дорӣ.

Садбарги сафеди ман, чаро зард шудӣ,
Ё дил ба касе додай, ё қалб шудӣ?
На дил ба касе додаму на қалб шудам,
Ғамои тура хурдаму ман зард шудам.

Эй куртасафед, илоҳо садсола шавӣ,
Дар ҳавлинакум афтию ҳамсоя шавӣ.
Дар ҳавлинакум севи ширин бисёр аст,
Дандони худта ба севи туруш назанӣ.

Сари кӯҳи баланд олу шинонам,
Дарахти себу зардолу шинонам.
Дарахти себу зардолуву сунбул,
Чаро дер омадӣ, эй ғунчаи гул?!

Сари кӯҳи баланд най мекашад ёр,
Ба абрӯ усмаи тар мекашад ёр.
Намедонам, ки устозаш кӣ бошад,
Қалам болои дафтар мекашад ёр.

Сари сарчашма рафтум, нола кардум,
Назар бар ҳавлии ҷонона кардум.
Назар кардум, надидум ёри худро,
Гиребон то ба домон пора кардум.

Куртаалача, қади баландта садқа,
Ба гаштани он кӯчаи тангта садқа,
Дар кӯчаи танг қадбаланд бисёр аст,
Ду қоши сиёҳу зулфи чангта садқа.

Эй куртасафед, меравӣ бар хирман,
Хуни ҷигарат резад дар барфи Яман.
Яман, Ямане, ту дил надорӣ бар ман,
Сад каса ба ту гуфтану бадномам ман.

Аз хона баромадум,чашмум чор аст,
Поҳома кучҷо монум, замин пур хор аст.
Хор аст, хор аст, душманум бисёр аст,
Ин душмани фақирон заҳри мор аст.

Дар боғ намедаром, себистон аст,
Ишқи духтари мардум балои ҷон аст.
Мардум гӯяд, ки ошиқӣ осон аст,
Хок осон аст, алови даргирон аст.

Дар лабаки об ду мори печон дидум,
Дар гардани ёр ақиқу марҷон дидум.
Гуфтум, биравум, ақиқу марҷонша гирум,
Аз феъли бадум ёрма гурезон дидум.

Дар даштаки Файзобод рехтаст ҷола,
Дар кокули ёри ман шукуфтаст лола.
Лола, лолае, ҷӯраи ман ғам дорад,
Ду чашми сиё, дидаи пурнам дорад.

Ин гандуми пешорӯи хушпайкорум,
Ин ҷӯраи майдаҳаки ғамбеморум.
Хун мегиряму ба остинум мемолум,
Дар чашми сиёҳи ту бароя҃д ҷонум.

Ин фатири кунҷидии пичаи дегдонум,
Ин духтари ҳамсоя шудаст бохчонум.
Гуфтум, биравум, духтара бинум рӯша,
Аз сухтани дил духтара байт мемонум.

Дар шохчаҳако ягон-ягон гул дидам,
Дар шохи анор ду ҷура булбул дидам.
Гуфтам, ки равам, булбули гӯёша гирам,
Шохак бишикаст, худма танҳо дидам.

Эй булбули хушнаво, дар ин саҳни чаман,
Гаҳ нолаи ту хуш асту гаҳ нолаи ман.
Ту нола зи гул кунию ман нола зи ёр,
На бар ту вафо кунад гулу ёр ба ман.

Чашми бади кас ба чашми мастат нарасад,
Офат ба лабони майпарастат нарасад.
Ман пеши Худо ҳамин мурод металабам,
Бар қадди алифи ту шикасте нарасад.

Ҷонона гузашту ман надидум рӯша,
Рӯмола кашидаст то хами абрӯша.
Бистсола будам, қадам задам дар кӯяш,
Ҳаргиз наравад меҳру хаёл аз рӯяш.

Лаъли лаби ёр дар чаман месӯзад,
Гул дар сари хор дар Яман месӯзад.
Гул дар сари хор, хушо ки беҳуда бисӯхт,
Бечора манум, ки дар Ватан месӯзам.

Духтар, ки ба об равӣ ба дастат кӯза,
Оҳера ту мекашӣ, дилум месӯзад.
Аз бахшаки оҳи ту гирифтам рӯза,
Сесад рагу пайвандум ҷудо месӯзад.

Ин себи самарқандира об овардаст,
Хушбӯ гули санҷида шамол овардаст.
Хушбӯ гули санҷид асту хушрӯ гули хор,
Зебо зани мардум асту нозуш бисёр.

Қади ту ниҳоли бесамар кард маро,
Ишқи ту гадои дарбадар кард маро.
Гуфтам, биравам, савдо кунам ишқи туро,
Рӯз омаду ишқи ту бадар кард маро.

Дар қади ниҳоли бӯи хорут ҷонум,
Дар рӯи сафеди беғуборут ҷонум.
Ҳар бор назар бар мани бечора кунӣ,
Дар гӯшаи чашми пурхуморут ҷонум.

Зулфи сияҳут мусалсалои дили ман,
Лаъли лаби ту гиреҳкушои дили ман.
Ман дил надиҳам ба кас барои дили ту,
Ту дил надиҳӣ ба кас барои дили ман.

Қадди ту ба қади тор монад, эй дӯст,
Рӯи ту ба гули нор монад, эй дӯст.
Доғе, ки ниҳодаӣ ту бар синаи ман,
Ин доғи ту ёдгор монад, эй дӯст.

Эй куртасафед, меравӣ тарвоза,
Рухсораи сурх дорию холои тоза.
Ҳар кас ки тура дар бағалум андоза,
Ман садқа шавум занаки ҷоандоза.

Садбарги сафед, ман гирифтори туам,
Рӯзону шабон ба фикри дидори туам.
Ҳарчанд бипӯшам бар танам ҷомаи хуб,
Рангам зард аст, зарди бемори туам.

Кабкут бигирум, кабутарут ном кунум,
Худма ба ту бевафо чӣ бадном кунум?
Ту кабки рамидаву дар ҳар сари санг,
Чӣ чора кунум, худма ба ту ром кунум?

Чашмони ту дард дорад ё дидаи ман,
Ховут бубара болоҳаки синаи ман.
Ховут бубара, ба бӯса бедорут кунум,
Бӯсам, ки надодӣ, ёр, гунаҳкорут кунум.

Эй духтараки сафеди гардан гули хор,
Шаб қатраи боронию рӯз абри баҳор.
Гуфтум, биравум, туро бигирум ба канор,
Ҳоҷӣ шаваму Макка равум сесад бор.

Эй дилбари ҷон, бе ту ҷаҳон даркор нест,
Бе ту гули сурхи арғувон даркор нест.
Бе ту гули сурхи арғувон бисёр аст,
Дил майли ту дорад, дигарон даркор нест.

Шом омадаам, намози шом омадаам,
Аз бахшаки ту мисли ғулом омадаам.
Ман садқаи рухсораи садбарги тарут,
Аз хоби хушам хеста салом омадаам.

Дугонаи ҷон, каломи Ҳақ дар ҷонум,
Ман шӯи туро ба ҷой акам медонум.
Шӯят бошад, ошиқ ба шӯят мешам,
Шӯят биравад, ошиқ ба рӯят мешам.

Духтар, духтаре, садаф гирифтӣ дар бар,
Олуфта кадӣ худта мисоли кафтар.
Шоҳин шавуму туро бигирум аз ҷар,
Созе бигирум, озор наёбад як пар.

Дар гӯшаи бом шинию сар шона кунӣ,
Ин бачаи тоқисурха девона кунӣ.
Девона кунӣ, ишорати хона кунӣ,
Тоқиша гирӣ, худакша овора кунӣ.

Ман садқа шавум хонаи санговдавака,
Ин духтари қадбаланди девлохравака.
Девлох нарав, ки гарди роҳут бизанад,
Шамоли хунук ба рӯи моҳут бизанад.

Ман ёри туам, намешавам ёри касе,
Дар доми туам, намешавам роми касе.
Ин косаи шарбате, ки бо ҳам хурдем,
Ҳаргиз нахурам шароб дар ҷоми касе.

Ҳаргиз ба гули баҳор ҳамдам нашудам,
То зинда будам, халос аз ғам нашудам.
Хизмат кардум ба гулрухони олам,
Аз феъли бадум ба хизмат одам нашудам.

Дар ҳавлии ман найшакару навдаи бед,
Дар гӯшаи бом шиштаст як куртасафед.
Эй куртасафед, куртаи заррин дорӣ,
Ҳарчанд бикунам ҷои дигар дил дорӣ.

Ҷонум тасадуқи дилаки бекинат,
Орзу дорум, ҷаҳдум кунӣ дар синат.
Ба тарзе биёӣ, душманон набинат,
Мову ту гирем бӯсаҳой беминат.

Болои Ҳисор анор коштам, нагирифт,
Поёни Ҳисор анори нокошта гирифт.
Он қад кашиду панҷа заду мева гирифт,
Моро ҳаваси духтари ҳамсоя гирифт.

Ҳаргиз ба сари девор бирешим натанӣ,
Ёре ки ба дил набошад, ҷонуш наканӣ.
Ёре ки ба дил набошад, нобудаш беҳ,
Себе ки туруш бошад, нохурдаш беҳ.

Дар сабза нашин, ки сабза гулзори ман аст,
Бар ҳар сари сабза манзили ёри ман аст.
Ҳар ҷо рафтӣ, дарахти пургул дидӣ,
Сангуш назанӣ, ки сурати ёри ман аст.

Зулфи сияҳат ҳалқа ба девор задаст,
Абрӯи каҷат хайма ба гулзор задаст.
Хушбахт касе, ки то саҳар дар бари ту
Лабҳои туро макида дар хоб задаст.

Куртақаламӣ, бева шудӣ дар назарум,
Аз бахшаки ту бирехт хуни ҷигарум.
Ғавғои касон агар набошад ба сарум,
Як дидани ту баҳои мулки падарум.

Эй ҷӯраи ҷон, аз сарут мегардум,
Аз лаъли лаби мунавварут мегардум.
Ту насиби ман бошию ман насиби ту,
Аз лаъли лаби найшакарут мегардум.

Шабро дидам, сияҳтар аз мӯи ту нест,
Маҳро дидам, сафедтар аз рӯи ту нест.
Аз ҳафт табақи замин то ҳафт осмон,
Андар назарам баҳои як мӯи ту нест.

Сунбул соя, миёни сунбул соя,
Ғулакта бигир, биё, бишин дар соя.
Аз ғулаки ту мушки зафар меоя,
Садқат бишавум, бачаҳаки ҳамсоя.

Ҷононаи ҷон, мисли ман зор шавӣ,
Аз сӯхтани дили ман хабардор шавӣ.
Тире бизадӣ дар бадани афгорум,
Дар бадани худ бизан, хабардор шавӣ.

Ёди ту кунум нӯги забонам сӯзад,
Гар сабр кунам тамоми ҷонам сӯзад.
Сиррест, ки гуфтан натавон пеши касе,
Агар нагӯям, тамоми ҷонум сӯзад.

Аз хона баромадӣ ҷунбон-ҷунбон,
Гулбанди сабз дорӣ ҳамаш марҷон.
Гуфтам, ки куҷо меравӣ эй ҷӯраи ҷон,
Дар ишқи ту ман шудам аҷаб саргардон.

Ман омадаам, ки ёри худро бинам,
Сабри дили беқарори худро бинам.
Гар реза кунад теғи ҷафо пайкари ман,
Дар рӯи раҳ ғамгусори худро бинам.

Куртақаламира ёр мегирам, ман
Аз шохи чанор анор мегирам, ман.
Ин шохи чанор барги парешон дорад,
Дар сояи гул қарор мегирам ман.

Ало духтар, ки рафторат маро кушт,
Садои кафши булғорат маро кушт.
Садои кафши булғорат чӣ бошад,
Ду холи зери рухсорат маро кушт.

Аз дур дидам лабони пурхандаи ту,
Озод будам, боз шудам бандаи ту.
Ҳар банда, ки озод шавад, шод шавад,
Ман шод аз онам, ки шавам бандаи ту.

Ин беди баланду кафтарои парвозӣ,
Ошиқ шудаам ба духтарони қозӣ.
Ин духтари сабзинаша маҳтал созӣ,
Бо рӯмоли қирмизӣ бикунад бозӣ.

Пудинаи лаби об хуш бӯе дорад,
Сабзинаҷувон чӣ гуфтугӯе дорад.
Сабзинаҷувон, қадат ниҳоли писта,
Дар миёнаи сад ҷувон туӣ гулдаста.

Сабзинаҷувон илоҳо садсола шавӣ,
Дар ҳавлинакум афтӣ, ҳамсоя шавӣ.
Ҳамсоя шавӣ бар сарум соя шавӣ,
Шояд, ки насиби мани бечора шавӣ.

Эй духтараки сафеди кокул паси пушт,
Рухсораи сурхи хунчаконат мара кушт.
Очата бигӯ маро домод бигирад,
Ин духтари шӯхи бачабозаш мара кушт.

Аз хонаи рӯ ба рӯй дуд меброяд,
Ду куртасафед думи ба дум меброяд.
Ду куртасафед, хоҳараш куртакабуд,
Дар остинакат чӣ дорӣ, анҷиру муруд.

Чашмони сиёҳи сода, сунбул хуши ту,
Ё наргиси пурхумори одамкуши ту.
Мардум меган: Куҷо шуд ақлу ҳуши ту?
Ақлу ҳуши ман пеши ҷамоли хуши ту.

Ҷонона, баҳори хурамира чӣ кунам?
Ман бе ту ҳаёту зиндагира чӣ кунам?
Мардум зи Худо умри дароз металабанд,
Ин умри дарози ғамқатира чӣ кунам?

Аз лоларухон гулу суман мемонад,
Аз булбули хушнаво чаман мемонад.
Беҳ аз ҳама чиз бувад ба олам некӣ,
Ман хок шавам, кулбаи ман мемонад.

Ёре ки рухаш рашки гулу ёссуман аст,
Дар ғамзаи шух фитнаи марду зан аст.
Дидам ба раҳаш хосияти оби равон,
Он оби равон ҳанӯз аз чашми ман аст.

Ман рӯи туро ба моҳи тобон надиҳам,
Лаъли лаби ту ба дурру марҷон надиҳам.
Лаъли лаби ту агар ба дастам афтад,
Қимат хараму баҳои Шуғнон надиҳам.

Рухсори туро ба сад гулистон надиҳам,
Зулфони ту бар сунбулу райҳон надиҳам.
Гар васли ту як лаҳза муяссар гардад,
Бо рӯи ҷаҳон тахти Сулаймон надиҳам.

Порут-ба намедаром, Порут вайрон,
Дар ҷои нишастат гул занам ё райҳон.
Дар ҷои нишастат не гулу не райҳон,
Мардум ба тамошои ҷамолат ҳайрон.

Рӯе дорӣ, табақ-табақ зар резад,
Шӯе дорӣ аз руш хуго мегрезад.
Гуфтам, биравам, корд кашам ё найза,
Шояд ки тура монад, худаш бигрезад.

Дар лабаки об шиштаӣ раъно ворӣ,
Дастат паси пушт нохонда мулло ворӣ.
Қаҳрӣ шуда, чандест ҷудо мегардем,
Биё оштӣ шавем Юсуф – Зулайхо ворӣ.

Хуш умр, ки бо дилбари раъно гузарад,
Дар сояи гул, домани саҳро гузарад.
Гуфтам, ки баҳор ояду гул бӯй кунам,
Афсӯс, ки баҳор ояду бе мо гузарад.

Аз дур назора мекунам болора,
Пештоқи баланди дилбари раънора.
Духтар, духтаре усма накаш қошора,
Бе усмаву бе сурма ту куштай мора.

Дар фасли баҳор ҳар гиёҳе рӯяд,
Аз абри баҳор сабза рух мешӯяд.
Себаргаву сабзазор зери қадам аст,
Бӯи хуши гулро ҳама кас мечӯяд.

Дар рӯи раҳат анор монам, биравам,
Себаргаву гул қатор монам, биравам.
Себаргаву гул қатор монам, нашавад,
Доғи ту дар ин диёр монам, биравам.

Себаргара бин, панҷа задаст дар лаби ғор,
Булбул шаваму нола кунам дар шаби тор.
Шоҳин шаваме, ки бар шикорат биравам,
Созе бигирам, аз ту нарезад як пар.

Сабзак лаби ҷӯй, ёраки нағзак лаби ҷӯй,
Себарга дамид дар лабу паҳлуи ҷӯй.
Мурғобӣ шавам, ғӯта занам ҷӯй ба ҷӯй,
То тар нашавад себаргаҳои лаби ҷӯй.

Ошиқ ба касе шавӣ, ки духтар бошад,
Монанди гули бунафшаи тар бошад.
Шоҳин ба шикор равад барои сайде,
Дар қасди гирифтани кабутар бошад.

Парвонааму рӯ ба чароғ омадаам,
Маҷнунаму Лайлира суроғ омадаам.
Ман булбуламу майл на дорам ба чаман,
Бо бӯи бунафша сайри боғ омадаам.

Хушбӯй бунафша дар сари куҳсор аст,
Бечора касест, дар фироқи ёр аст.
Бечора касест дар миёни куҳсор,
Дилкаф нашавад, агар аҷоиб кор аст.

Ёрам раҳи тору ман раҳи тарвоза,
Ёрам гули сурху ман бунафшай тоза.
Ҳар кас, ки бунафшаро ба гул омеза,
Гул шод шавад, бунафша гардад тоза.

Ин моҳа бубин, ки меравад нақши ба нақш,
Дидам саname, ки меравад пои ба кафш.
Ҳам аз сари ӯ гардаму ҳам аз сари кафш,
Ҳам аз сари дӯзанда, ки духтаст ба дарафш.

Аз дар, ки даромадӣ баланду борик,
Аз лаъли лабони ту шакар меборид.
Пеши гул шинам, ки шакар об шавад,
Гул дар бағали бунафша сероб шавад.

Зулфат хам-хам, шикан-шикан чин бар чин,
Дар гирди лабат бунафша пурчин-пурчин.
Се чиз ғанимат аст дар рӯи замин,
Мушки хутану хоки сияҳ, сурати Чин.

Дидам, ки бунафша дар лаби ҷӯбор аст,
Дар гирди бунафша ҳар гуле бисёр аст.
Монанди бунафша гул нарӯяд ба чаман,
Аслу насаби бунафша аз куҳсор аст.

Дар бехаки девори ту гул корам, ёр,
Гулро бибару бунафшаи тоза биёр.
Пеши назарам ёр гирифтӣ ба ҳавас,
Дар пеши ту ман ёр гирам, тоқат ор.

Дар рӯи раҳат бунафшаи серобам,
Болои сарат булбули хушфарёдам.
Гар ёрам гирӣ, аз ту надорам озор,
Ёрам нагирӣ, меҳнатой барбодам.

Дар боғ будам, бунафшаву гул дидам,
Дар дафтари чаман ҳазор булбул дидам.
Гуфтам, ки равам, булбули гӯёша гирам,
Булбул, ки парид, аз алам нолидам.

Ман садқа шавам бунафшаи кӯҳира,
Ман садқа шавам азобу ранҷурира.
Бо ёр будам, ҷангу ҷидол мекардам,
Имрӯз мекашам азоби раҳдурира.

Он ҷо, ки туӣ, бунафшазори Балх аст,
Ин ҷо, ки манам, мудом шомам талх аст.
Ҳар шому саҳар ба ёди ту нола кунам,
Гӯё ки замину осмон дар чарх аст.

Аз орази ту чаман-чаман гул резад,
Аз қаддаки ту дастаи сунбул резад.
Ҳар бор дилам ба ёди ту нола кунад,
Хун аз ҷигари ҳазор булбул резад.

Қадди ту ниҳоли навбару рӯят гул,
Дар ёди табассуми ту нолад булбул.
Парвона шавад кабоби шамъи рухи ту,
Шарманда шавад ба тоби зулфат сунбул.

Сунбул саракам, сояи сунбул саракам,
Аз суҳбати маълимон об хӯрд дилакам.
Аз сӯҳбати маълимон об хӯрда нашуд,
Саркардаи маълимон ёри худакам.

Рӯмоли сарат рахак-рахак гул дорад,
Боғи падарат ду ҷуфт булбул дорад.
Гуфтам, ки равам, булбули гӯёша гирам,
Булбул дидам, ба нӯл сунбул дорад.

Гандумаки худрӯй дарав мекардам,
Рӯзи рафтанам ёрма хабар мекардам.
Рӯзи рафтанам ёрам хабардор нашуд,
Сангои хунука дар ҷигар мекардам.

Ман оҳ кашам, дили кабӯтар сӯзад,
Дар сояи санг сад гули тар сӯзад.
Гар боғ равам, ба ёди ту нола кунам,
Аз нолаи ман дили ситамгар сӯзад.

Дар боғаки мо на гул буду не сунбул,
На меваи тар буду на савти булбул.
Гулкори аҷиб омаду гулкорӣ кард,
Шуд боғаки мо пургулу омад булбул.

Эй духтараке, аз кокулот мегардам,
Аз зулфи сиёҳи сунбулат мегардам.
Боло рафтӣ, аҷаб ғазалхон рафтӣ,
Аз кому забони булбулат мегардам.

Эй очаи ҷон, ки лолӣ-лолӣ кардум,
Хокистари чангота кулолӣ кардум.
Солҳои дароз хоната бонӣ кардум,
Ҳолӣ меравум, хоната холӣ кардум.

Боло меравум дар вақти гули гандум,
Ҳайрон гаштам дар ҳавлинои мардум.
Нӯмоли калон боша, дар сар бандум ,
Ҳавлини падар боша, беғам гардум.

Дар дашт будам ғул-ғулаи ҷанг омад,
Мирбача будам, гурехтанам нанг омад.
Шамшери муғул ба гарданум танг омад,
Хуни ҷигарум ба ҳар сари санг омад.

Имрӯз ҳавои боғ дорад дили ман,
Савдои ту дар димоғ дорад дили ман.
Савдои ту аз димоғ берун наравад,
Ранги гули лола доғ дорад дили ман.

Дар кӯҳи баланд куббаи зар гум кардам,
Шоҳини сафеди резапар гум кардам.
Шоҳини сафеди резапар ёфт нашуд,
Фарзанди падар, лахти ҷигар гум кардам.

Долони баланд дорӣ, пешаш боғ аст,
Синаи сафед дорӣ, дилум пур доғ аст.
Доғ аст, доғ аст, меваи хуб дар боғ аст,
Ҳайфи тани нозукат, ба чанги зоғ аст.

Ман булбуламу баҳора дӯст медорам,
Себаргаву лолазора дӯст медорам.
Себаргаву лолазор дар боғи шумост,
Билло, ба Худо, шумора дӯст медорам.

Як села кабутарем, аз села ҷудо,
Порина қатӣ будем, имсол ҷудо.
Порина қатӣ будем, қатӣ мегаштем,
Имсол ҷудо шудем, ба ғам пайвастем.

Ман рӯи тура бинаму Наврӯз кунам,
Шавма ба сари санги сияҳ рӯз кунам.
Шавум ба сари санги сиёҳ рӯз нашуд,
Ҷонакма фидои ёри дилсӯз кунам.

Наврӯза ба навбаҳор кай мебинум?
Гулҳора ба шаш қатор кай мебинум.
Гулҳора ба шаш қатор дар фасли баҳор,
Дунёра ба як қарор кай мебинум?

Ин хонаи рӯ ба рӯ ба ман хона шудаст,
Ғам дар дилакум анори пурдона шудаст.
Ку дӯсти ширин, пилтаи доға бигирад,
То рӯзи қиёмат ҷои доғ месӯзад.

Дар пуштазамин булбули нодон моем,
Дар гиря мисоли абри борон моем.
Рӯи ҳама хешу қавми олам ба ватан,
Дур аз ватану ҷудо зи ёрон моем.

Ин кӯҳи баланда сар ба сар мебинум,
Аскарбачара сари сафар мебинум.
Аскарбачара ба ҷанги Гирмон бурдан,
Дилуш пури хун дидаи гирён бурдан.

Як дастаи гул дорум, дар поёнай,
Як акаи хуб дорум, дар Олмонай,
Мардум меган: Рабочикӣ осонай,
Ранги зардум аз ситами Олмонай.

Себарга бигуфт: Дар замин сабза манум,
Бунафша бигуфт: Ҷавони пурғамза манум.
Садбарг бигуфт: Лофи беҳуда мазан,
Тоҷи сари ошиқони пурғамза манум.

Садбарг будам, зард шудам дар ғами ту,
Озурдаву пурдард шудам дар ғами ту.
Як бор намепурсӣ аз аҳволи дилум,
Хокистари раҳ, гард шудам дар ғами ту.

Себут метум, себаки Фалғар бошад,
Линҷакта газум, чу меваи тар бошад.
Линҷакма нагаз, ки модарум мефаҳма,
Дастакма бигаз, ки зери остин бошад.

Эй ҷӯраи ҷон, биё, ба ҳам пушта равем,
Сирҳои дила ба якдигар гуфта равем.
Сирҳои дила ба якдигар гуфта нашуд,
Ин гандуми худрӯира нокуфта равем.

Ситорара бин, ки дар ҳаво сесаду бист,
Бача, ки сафар мекард, модар бигирист.
Эй модари ҷон, маънои гиристанут чист?
Ҳама сари сол биёян, мо рӯзаки бист.

Фарёд, ки пириям забунум кардаст,
Мисли гули лола ғарқи хунум кардаст.
Дар мӯи сафеди ман зиёне набувад,
Аз маҷлиси маҳвашон бурунам кардаст.

Ҷомачиту ҷомачит, ҷомалола,
Ҷомабеқасаб, ҷигарма кардӣ пора.
Ҷомабеқасаб, ҷомата деҳ, медӯзум,
То зинда манум, дар ҳақут месӯзум.

Эй ҷӯраи ҷон, аз ту надорум озор,
Дар гӯшаи ҳавлинут кардум бозор.
Садбарг шавӣ бишкуфӣ вақти баҳор,
Ман лола шавум сурхӣ кунум дар лаби ғор.

Эй бачаҳаки сафеди тоқӣ гули нор,
Гоҳ дар сари гул бишин, гоҳ дар сари хор.
Зӯрут ки намераса, ба нун додани ёр,
Аз дур бишин, пасаки тоқита бихор.

Эй духтараки сафедаки качтоқӣ,
Аз мулки Ҳисору аз кадом қишлоқӣ.
Худ гуфта будӣ, ки шӯи хушкарда кунум,
Охир, ки бинум насибаи пустлоқӣ.

Кардум ғалату хайма задум дар Ҷайҳун,
Бод омаду шохи хаймаро кард нагун.
Лайлӣ бигрист дар фироқи Маҷнун,
Сангҳо ҳама лола гашт, дарё ҳама хун.

Дар боғи шумо ниҳоли якторa манум,
Дар шаҳри шумо ғариби бечора манум.
Дар шаҳри шумо ғариба пурсидан нест,
Дар тобути ин ғариб нолидан нест.

Се моҳ шудаст, хонам лаби ов шудаст,
Сандуқи дилум кӯзаи зардоб шудаст.
Ку дӯсти ширин, ки ҷои зардова гирад?
Мағзум ба даруни устуғон об шудаст.

Рӯзе ки фалак нишонаи тирум кард,
Пайваста ба зулфи ёр занҷирум кард.
Пайваста ба зулфи ёр печида шудам,
Ғамҳои замона оқибат пирум кард.

Ин моҳа бинед, дар осмон кам будаст,
Дарду аламуш дар сари одам будаст.
Дарду аламуш бар сари ҳеч кас нарасад,
Ин мурдани одамин ба як дам будаст.

Як даста гуле дар Бадахшон моем,
Дур аз ватану ҷудо аз ёрон моем.
Дӯстора буген, ки ғами бисёр нахуранд,
Аз сафари кардагӣ пушаймон моем.

Як даста гулум дар Яман месӯзад,
Печида сарум дар кафан месӯзад.
Сад вою дареғ, дар ғарибӣ мурдем,
Мо дар ғарибӣ, ёр дар ватан месӯзад.

Аз дурии дуриҳо дилум гашта хароб,
Аз дидаи интизор мерезад об.
Ҳар нолае ки саҳар ба гӯшат бирасад,
Бишнаву бидон – нолаи дилҳои кабоб!

Эй ёраки ҷон, ҷонакум дар ҷонут,
Дилгир шудам аз рафтаной поёнут.
Касе намеёбум, ки кунум пайғомут,
Дар барги гули сурӣ навиштум номут.

Афтови паси ағба меброя, манум,
Хоҳар ба суроғи ака меброя, манум.
Ку акаи дилсӯз, ки гӯяд хоҳарум,
Дар гӯшаи ғарибӣ рехтай ҷигарум.

Омад-омадут омади бозургонай,
Наёмаданот ба мо балои ҷонай.
Обе мехурӣ ту аз даруни киштӣ,
Киштӣ ба даруни об саргардонай.

Сар то сари ағбаҳо гузар мекардам,
Чида гули торона, ба сар мекардам.
Чидам гули торонаву сар гулгун шуд,
Аз сӯзиши дил даҳанма тар мекардам.

Рафтум ба ғарибиҳо, ғарибӣ кардум,
Сад косаи ови талха ширин кардум.
Сад косаи ови талх ширин нашуд,
Ин сайла барои дили ғамгин кардум.

Сазои сарум ба ин мусофир шиданум,
Ин гӯшаи мулки мардумо шид ватанум.
Ку дӯсти ширин, мара бара бар ватанум,
Сангора хурум ёди ғарибӣ накунум.

Ай ҷониби ма рафта ба он ёр бигӯ,
И нолаи булбула ба гулзор бигӯ.
Аввал, ки рафтӣ, албатта ай мо пурса,
Он дӯсти мара саломи бисёр бигӯ.

Очам рафтай, хат равонуш бикунум,
Як қавза гула чида равонуш бикунум.
Як қавза гули чида, як ночида,
Ҷонакма ба даруни най равонуш бикунум.

Эй бор Худо, маро ҷиёнгард накун,
Ай баҳри тамаъ ранги маро зард накун.
Ай баҳри тамаъ ранги маро зард кардӣ,
Муҳтоҷи дари хонаи номард накун.

Эй аспи сиё, маро боло барӣ, чӣ,
Қамчин бизанум, ба таҳти дарё барӣ, чӣ?
Нуқра бухарум, сумота гулкорӣ кунум,
Як бори дигар ба пеши дӯстом барӣ, чӣ?!

Чапкандӣ баланд, сояш аҷаб салқинай,
Ин ёраки нозанин аҷаб ғамгинай.
Эй ёраки нозанин, ту ғамгин мабош,
Ин зиндаҷудоӣ дар сари чандинай.

Эй очаи ҷон, дар ғамут беморум,
Тире бизад дар ҷигари афгорум.
Ту тир мазан, ҷигарма афгор макун,
То зинда будан дустакут медорум.

Ин сол ғариб шидем дар шаҳри шумо,
Фардо меравем, ғаниматай рӯи шумо.
Тақдири Худо будай ҳамин рӯзи сиёҳ,
Дар гӯшаи ғарибӣ мондем танҳо.

Эй куртасафед, сафед напӯшӣ, чӣ шавад?
Мо раҳгузарем, ту рӯ напӯшӣ, чӣ шавад?
Мо раҳгузарем, ба раҳи худ мегузарем,
Аз раҳгузарон ту рӯ напӯшӣ, чӣ шавад?!

Оҳу ба сари куҳ баргаки лола чарид,
Ин куртаи ёр мисли гули лола дарид.
Мардум меган: Куртаи ёр бахчӣ дарид?
Ҷонона кашиду мо кашидем, дарид.

Эй духтари ҳамсоя, маро ёр бигир,
Савғоти мара аз сари девор бигир.
Имшаб мора ҷои дигар металабанд,
То омаданам худакта бедор бигир.

Духтар, духтаре зулфот ҳалқа, ҳалқа,
Ин шиштани рӯбарӯт куштай халқа.
Мо медонем, ин қаҳра бар мо кардӣ,
Бар ҳар сари қаҳракот ҳазор садқа.

Рафтам сари ағбаву кардам ғамза,
Чиндам сари зулфи ёр, бастам дарза.
Эй гулбадане, бишин ба рӯи савза,
Қадди алифут ба мисли гул меларза.

Шабро дидам, сияҳтар аз мӯи ту нест,
Маҳро дидам, сафедтар аз рӯи ту нест.
Аз ҳафт қабати замин то нуҳ кишвар,
Дидам ҳамаро, баҳои як мӯи ту нест.

Аз хона баромадӣ эй хушҳаракат,
Остинот ба қад кашол, ҷонум садқат.
Ҳам падари хуб дорию ҳам модари хуб,
Як ҷони ширин дорум, сад бор садқат.

Ба кӯча гузар макун, ки мо дар домем,
Боз гашта нигаҳ макун, ки мо бадномем.
Ҳар вақте нигаҳ кунӣ, пушт гардонем,
Ба дил нагирӣ, мо сӯхтаву бирёнем.

Ма мегузарум ба пасаки хонаи ту,
Ба гӯшум расид овозаи дасмонаи ту.
Мурғони ҳаво дар ҳаваси донаи ту,
Мо дар ҳаваси канори мастонаи ту.

Ҷононара ҷош калот боша, мерам,
Савғоти лабаш набот боша, мерам.
Савғоти лабаш набот боша, ҳайфай,
Сад соли дигар ҳаёт боша, мерам.

Ин моҳи нава ба рӯи Лангар дидум,
Гӯшвори зарин ба гӯши дилбар дидум.
Гӯшвори зарин ба гӯши дилбар зебад,
Ду тугмаи зар ба пеши духтар дидум.

Шинум, шинум, ёди гули лола кунум,
Дар кунҷи лаҳад ёди ту, ҷонона, кунум.
Баъди сад сол гузар кунӣ бар хокам,
Бӯи ту ба ман расад, кафан пора кунум.

Дар тагаки бед нишин, ки бед калбед аст,
Ду зулфи сиё монанди маҷнунбед аст.
Ду зулфи сиё ҳалқа задӣ, сар додӣ,
Аз шиштани рӯбарӯт дилум баумед аст.

Аз шохи чанор анор мегирум ман,
Хушкардама беқарор мегирум ман.
Дар болини нав ҳеҷ ки хобум набарад,
Дар оғӯши ёр қарор мегирум ман.

Ҳамсояи дасти рости мо зар дорад,
Ду духтари қадбаланди қадрас дорад.
Гуфтум, биравум, ба хурдтариш кас монум,
Кофир дилакум, майли калониш дорад.

Қуми лаби дарёра шамол овардаст,
Рӯмоли бирешимира ёр овардаст.
Ёр овардай ба чи хаёл овардаст,
Гӯё ки мазор будем, нисор овардаст.

Ин себаки сурх ру ба рӯи хона,
Шохо ба замин, манзилгаҳи ҷонона.
Як бӯсаи шав бидеҳ, як рӯзона,
Гашти сафарум шидаст, мерам хона.

Аз хона баромадум, ёр дар сари роҳ,
Як бӯса талаб кардум аз зулфи сиёҳ.
Ман бӯса намедиҳам, ки ту роҳгузарӣ,
Шаҳрора ба шаҳр занӣ, овоза барӣ.

Аз дур сиёҳӣ мекунад чашмонут,
Монанди садаф сафедиҳой дандонут.
Як бӯса бидеҳ аз он лаби хандонут,
Савоби сарут, закоти фарзандонут.

Аз раҳаки дур суда шудаст пои шумо,
Зангор гирифт наъли кафши пои шумо.
Мо медонем, омаданот аз баҳри мост,
Мо сурма кашем хоки қадамҳои шумо.

Биё, биравем, ёд кунем шавҳора,
Шавҳои дароз шиштани якҷора.
Шавҳои дароз суҳбати ширин доштем,
Шавро меёбӣ, дигар наёбӣ мора.

Эй ёраки хурдтараки ҷону дилакум,
Андохт Худо меҳри туро дар дилакум.
Рӯзе ки шавад кунҷи лаҳад манзилакум,
Кирмон бихуранд меҳри туро аз дилакум.

Ҷонона маро ишорати миҷгон кард,
Дегакша бимонду гандума бирён кард.
Дегаш бишикасту гандумош пок бирехт,
Ёре ки ба чанг омада буд, боз гирехт.

Қадди ту алифу абруҳот чун дол аст.
Як рӯза ҷудоият ба ман сад сол аст.
Ҳарчанд қасам хурдам, ту бовар накунӣ,
Ин чеҳраи зарди ман гувоҳи ҳол аст.

Кардам ғалату хайма задам дар Ҷайҳун,
Бод омаду шохи хаймаро кард нагун.
Лайлӣ бигирист дар фироқи Маҷнун,
Санго ҳама лола гашт, дарё ҳама хун.

Эй духтараке, ту нозанин омадаӣ,
Себе ба даруни остин омадаӣ.
Себе ба даруни остинта чӣ кунам?
Ҳайфи қадамот, гул ба замин омадаӣ.

Ҳаргиз ба гули баҳор ҳамдам нашудам,
То зинда будам, халос аз ғам нашудам.
Хизмат кардам ба гулрухони олам,
Аз бахти бадам ба хизмат одам нашудам.

Пудина будам, худат ниҳолам кардӣ,
Ман қаҳрӣ будам, оштӣ хаёлам кардӣ.
Будам гули сурх, рӯи дастам кардӣ,
Гаштам гули зард, хори пастам кардӣ.

Эй дил, ки давидию давидӣ, бас кун,
Дар мӯи сарат сафедӣ дидӣ, бас кун.
Ҳарчанд давидию ҳавоят нашикаст,
Аз лоларухон вафо надидӣ, бас кун.

Дар фасли баҳор гул ба дастор хуш аст,
Нолидани булбулон шаби тор хуш аст.
Мо ҷуфти кабутарем дар мулки шумо,
Сар дар бағали ёри вафодор хуш аст.

Кабга бурданд, кабги дарира бурданд,
Садбарги сафеди ҳакарира бурданд.
Дар шаҳри шумо ҳеҷ мусулмонӣ нест,
Ду деви сиёҳ як парира бурданд.

Садбарги сафеди саҳарӣ рӯи шумо,
Бо нӯги қалам кашида абрӯи шумо.
Аз банди аҷал як дам амонам бидиҳед,
Гардид таноби гарданам мӯи шумо.

Аз раҳаки дур омадаам меҳмонӣ,
Садбарги сафед, рӯта намегардонӣ.
Мову ту будем ошиқи дилуҷонӣ,
Мо ҳам меравем, рӯ ба замин мемонӣ.

Садбарги сафеди ман, туро ёд кунам,
Бо ёди ту сад хонаро обод кунам.
Бо ёди ту ман рӯ ба шикор овардам,
Сад сайд гирам, баҳри ту озод кунам.

Себе, ки ту додаӣ, тамомаш гуҳар аст,
Лабҳои ту қандину забонат шакар аст.
Дар боғи ҷаҳон ниҳол набвад ба қадат,
Рухсораи зебои ту садбарги тар аст.

Боло, ки равӣ, дуо бигӯ гулбадона,
Садбарги сафеди ман, нозукбадана.
Ҳарчанд кардам, ба ман надоданд ӯро,
Аз ишқаки ӯ тарк бикардам ватана.

Эй гул, ту куҷо будӣ, ки ёр омаду рафт,
Бо аспи саманд чобуксавор омаду рафт.
Ту ваъда ба мо додию дил ҷои дигар,
Садбарги сафед, ошиқи зор омаду рафт.

Духтар ба даруни боғ мекард бозӣ,
Як духтари кӯлобию якташ роғӣ.
Аз духтари кӯлобӣ надорум гила,
Куштаст мара зулфои чанги роғӣ.

Духтар, духтаре, нӯмоли чоргул дорӣ,
Сар то қадамут ҳазору як гул дорӣ.
Мо ду бародар, ки аз пасут мегардем,
Ту дону Худо, кадома дар дил дорӣ.

Аз хона баромадам, қадам пастӣ кард,
Як села кабутар дар ҳаво мастӣ кард.
Гуфтам, биравам аз душмано қасд гирам,
Аз тақдири бад душман забардастӣ кард.

Аз хона баромадам, овора сарум,
Худакма худум кардум, сазои сарум.
Худакма худум кардум, било ба худо,
Бо ёраки хушкардам лаънат ба сарум.

Қадди алифат ҳамеша хам бошаду хам,
Қути дили ту ҳамеша ғам бошаду ғам.
Ғирбола бигир, ҷаҳона ғирбол бикун,
Мисли мани номурод кам бошаду кам.

Фарёд кунам, уқоб кабутар гардад,
Моҳӣ дар миёни об заргар гардад.
Ту бӯтаи кимиёву ман бӯтаи мис,
Ин мис, ки ба кимиё хурад, зар гардад.

Ошиқ, ки ҳамеша дар хатар мебоша,
Шаб дар бари ёри лабшакар мебоша.
Сар аз сари шом то намози пешин,
Печида ду мор сар ба сар мебоша.

Рӯзе, ки лаби лаъли ту хандон гардад,
Гул бишкуфаду бунафша хандон гардад.
Холи бари рӯт ҷилва диҳад ҷаннатро,
Ду рух ба ҷамоли ту гулистон гардад.

Қаддат ба мисли алифи Аллоҳ аст,
Дандон ба мисоли сини бисмиллоҳ аст.
Зулфони ту печ-печи ҷим афтода,
Абрӯи ту чун кофи Каломуллоҳ аст.

Ширин духтар, ту меравӣ сӯи бозор,
Зулфони ту каждум асту абрӯи ту мор.
Як шаб ту агар маро бигирӣ ба канор,
Ҳоҷӣ шаваму Макка равам сесад бор.

Ширин духтар, туро харидор астум,
Аз барги лабат бӯса талабгор астум.
Гар қимати ту баҳои олам бошад,
Туро ба ҳазор динор харидор астум.

Ширин духтар, ба қадду бастут ҷонум,
Дар зевараки банди дастут ҷонум.
Дар тан кардӣ пираҳани сони сафед,
Дар зулфи сиёҳи ғӯзадорут ҷонум.

Ширин духтар, ба мисли авғон ҳастӣ,
Бориккамару булбули хушхон ҳастӣ.
Кошке ки қаламкашут худам мешудам,
Афсӯс, чӣ кунам, ба чанги зоғон ҳастӣ.

Шабҳои дароз пеши дарат истодам,
Аз тафти замин сӯхта ҳарду поям.
– Қурбони поҳот шавам, эй ёри азиз,
Сар аз бағали кофир чӣ тавр бардорам?!

Сарро, ки қатии ту ба савдо задаам,
Ман даст ба доманат бараллo задам.
Ман аҳд кардам қатии ту толаби гӯр,
Худро ба миёни мавҷи дарё задаам.

Дидам саname, зулфа ҳисорак мекард,
Ақлу дилу ҷони мара ғорат мекард.
Гуфтам: «Санамо, бӯса аз куҷоят гирум?»
Ангушт ба рухсора ишорат мекард.

Духтар, чу шакарлабу даҳон чун шакар,
Як бӯса бидеҳ тоза шавад ҷону ҷигар.
Ман бӯса намедиҳам зи рухсори сафед,
Ту бӯса бигирию равӣ ҷои дигар.

Дар пеши дарат пистара тар мефрӯшӣ,
Эй гулбадане, бӯса ба зар мефрӯшӣ.
Худо бигира камбағали нодора,
Ҳамсоя манум, ҷои дигар мефрӯшӣ.

Дар боғи шумо гули сафеде дидум,
Гуфтум биканум зи боғбон тарсидум.
Нармак-нармак зи боғбон пурсидум,
– «Гул гирди сарут, боға ба ту бахшидум».

Қурбонаки сӯзанут шавум, бахмалдӯз,
Сӯзан зи вафо бигиру чашмамро дӯз.
Чашмамро дӯз, чашми ростамро дӯз,
Бо чашми чапум туро бибинум ҳар рӯз.

Қадди ту ба қади тор мемонад, ёр,
Рӯят ба гули бухор мемонад, ёр.
Сад доғ ниҳодаӣ ту дар синаи ман,
Ин доғи ту ёдгор мемонад, ёр.

Маҷнунбедак, чаро нагунсорастӣ?
Оё ба касе чун ман гирифторастӣ?
Валлоҳ, агар чу ман гирифтор шавӣ,
То рӯзи қиёмат зи ғамаш хор шавӣ!

Ман булҳавасум, дар боғ дорум ҳавасе,
Мурғи дилакум банд шуда дар қафасе!
Як бӯса бидеҳ, зи банд озодаш кун,
Ғайр аз худи ту ма дил надодам ба касе.

Ёр мегирум, баланду борик боша,
Долони баланд, хонаи торик боша.
Долони баланд, кунгураҳо шерозӣ,
Худро мекушум барои ошиқбозӣ.

Ман садқа шавум қади баланди бачара,
Абрӯи камон, муҳои чанги бачара.
Як бор агар Худо муродум бидиҳад,
Ман бӯса занум чашми қашанги бачара.

Як себаки сурхи раҳравоне дорум,
Як ёраки хурди меҳрубоне дорум.
Не хурд асту калон бувад табъи дил,
Дар бар гирум, ки ормоне дорум.

Арақчини сарут духтум париҷон,
Шабу рӯз дар ғамут сухтум, париҷон.
Худовандо маро пайдо намекард,
Ки дар ишқут намесухтум, париҷон.

Ало, духтар, ту холи канда дорӣ,
Куҷо болои абрӯ шона дорӣ.
Ба миҷгон роҳи ту ҷорӯб кунум, гул,
Магар монанди ман ту банда дорӣ?!

Ало духтар, биё, сайри чаман кун,
Тамошои гулобу ёсуман кун.
Закоти ҳусни худро пеши гулҳо
Ду-се бӯса ту ҳадя баҳри мо кун.

Агар аз ту ҷудо гардам. париҷон,
Ғарибу бенаво гардам, париҷон.
Наметонам хабар гирам зи ҳолат,
Магар боди сабо гардам, париҷон.

Баҳор омад, нигори нозанинам,
Биё, то як даме серат бубинам.
Биё, то як даме бо хотири шод,
Зи рӯи лолазорат гул бичинам.

Биё, ҷонам, машав аз ман дигар дур,
Чаро ҳастӣ ба ҳусни хеш мағрур.
Ба сӯям як нигаҳ ту лутф бинмо,
Ки ҳастам аз ҷафоҳои ту ранҷур.

Биё, фасли баҳор аст, дилбари ман,
Равем сӯи чаман маҳпайкари ман.
Назар кун, не гулу не андалеб аст,
Тараҳҳум кун ба ҳоли абтари ман.

Аз даҳани дарбача мара менигарӣ,
Ма дузд нестум, хавар ба хона барӣ.
Ту дузд нестӣ, аз дузди duздон батарӣ,
Дузд молу гов бара, ту ҷонма мебарӣ.

Ёрам сари дар, худум сари дарвоза,
Рангуш гули сурх, худуш панири тоза.
Ҳар кас, ки дар он панир даст андоза,
Дасташ шиканум, панир бимона тоза.

Ҳар ҷо ки равам, барои ту нома кунам,
Аз ҷаври фалак ба пеши ту нола кунам.
Рӯзе бошад, ки боз бинем дидор,
Ман рӯи туро бинаму шукрона кунам.

Рӯмоли сари тура бод бурдан гирад,
Рӯят ба мисоли гул шукуфтан гирад.
Ҳар кас, ки ту ҷононара дар бар гирад,
Ӯ дар ҷаннату дар биҳишт дам гирад.

Дар боғи шумо аз ҳама гулҳо бошад,
Монанди ту, гул наход ки пайдо бошад?!
Насрину гулу лолара карданд сифат,
Монанди ту, гул, магар Зулайхо бошад?!

Ин кутали пешорӯ доғи дилакум,
Як ҷой надодан ба муроди дилакум.
Як ҷой надодан, бишканад армонум,
То даври қиёмат аз падарум нолонум.

Дар рӯи раҳут анор монум, биравум,
Себарга ба гул қатор монум, биравум.
Себарга ба гул қатор монум, нашава,
Доғи ту дар ин диёр монум, биравум.

Эй бачча, қадат сарви чаманро монад,
Абрӯи ту зулфи гулбаданро монад.
Чашмони ту оҳувони ваҳшӣ ворин,
Лабҳои ту ёқути Яманро монад.

Эй духтараке, ба боғ ларзон нашавӣ,
Моро дидӣ, ба хона пинҳон нашавӣ.
Дар васфи ҳамон ду зулфаки печонут
Аз ваъдаи додагит пушаймон нашавӣ.

Эй гул, ту чаро нишастаӣ дар хона?
Хоҳам зи Худо, ки хонаат шавад вайрона!
Вайрона шавад, то ки ту бехона шавӣ,
Бар гирди рухи ту ман шавам парвона.

Эй дӯст, ба дӯстиҳойи ту ҳайронам,
Чун оҳани сурх дар сари сандонам.
Бо анбури кунд меканӣ дандонам,
Сӯҳони азоба мезанӣ бар ҷонам.

Аз дур меой кабки хиромон ворен,
Наздик меой дилбари ҷонон ворен.
Гуфтам, ба ту нозанин бағал воз кунам,
Дидам, табъи нозукат парешон ворен.

Ҳар гоҳ агар ба сӯи мактаб гузарӣ,
Пӯшида либоси тоза монанди парӣ.
Ба гӯшаи чашми худ кунӣ наззора,
Ақлу ҳушу ҷону дили маро бубарӣ.

Эй куртасафед, куртаат масковӣ,
Маҳтовшавай, дар у гузар метовӣ.
Дар ҳавзи кабуд ҷилва кадай мурғовӣ.
Ман ёри туам, ҷои дигар ековӣ.

Ёр куртаи чити магазин мепӯша,
Пиёла ба даст, чои кабуд менӯша.
Ман садқаи ҷилваҳои он ёр шавум,
Тоза ба тоза шоҳию атлас пӯша.

Офтоб задай, дар хонамон рӯпӯшум,
Ма дилбари у маълими кастунпӯшум.
Як гапе нагуфтӣ, бигирум дар гӯшум,
Дар ишқаки ту қаландари беҳушум.

Тоқии саруш гули сияҳтоб дора,
Дар таҳи кашуш ду ҷура китоб дора.
Гуфтум,биравум қатиякуш бозӣ кунум,
Ӯ зан дора, қонун намевардора.

Қадди ту ниҳоли навбару рӯят гул,
Дар ёди табассуми ту нолад булбул.
Парвона шавад кабоби шамъи рухи ту,
Шарманда шавад ба тоби мӯят сунбул.

Садбарги сафеди ман, туро ёд кунам,
Бо ёди ту сад хонара обод кунам.
Бо ёди ту ман рӯ ба шикор овардам,
Сад сайд гирам, баҳри ту озод кунам.

Себеки ту додаӣ, тамомаш гуҳар аст,
Лабҳои ту қандину забонат шакар аст.
Дар боғи ҷаҳон ниҳол набвад ба қадат,
Рухсораи зебои ту садбарги тар аст.

Эй гул, ту куҷо будӣ, ки ёр омаду рафт,
Бо аспи саманд чобуксавор омаду рафт.
Ту ваъда ба мо додию дил ҷои дигар,
Садбарги сафед, ошиқи зор омаду рафт.

Шом омадаам, намози шом омадаам,
Бар даргаҳи ту мисли ғулом омадаам.
Ман садқаи рухсораи садбарги тарат,
Аз хоби шабам хеста салом омадаам.

Ёрам дур аст, ғамгусорам дур аст,
Садбарги сафед аз канорам дур аст.
Ин хона агар биҳишти олам гардад,
Безорам аз он биҳишт, ёрам дур аст.

Дидам саname, сайри куҳистон омад,
Ӯ вақта надониста, зимистон омад.
Мардум гули сурха дар баҳорон бинанд,
Садбарги шукуфта дар зимистон омад.

Маҳтоби сари қалъаву ҳурони биҳишт,
Ёракма бигӯ, ки дастаи гул бифирист.
Гулдастаи ёра бӯ кашам, бӯи ту нест,
Як дидани рӯи ёру ҳурони биҳишт.

Ҷонона маро шароби кӯкнорӣ дод,
Чанд бӯса мара ба узру ҳам зорӣ дод.
Гуфтам: «Биравам, дар бағалаш хоб кунам»,
Ду курта кашиданаш маро хорӣ дод.

Эй куртасафед, ба рафтанот зор астам,
Ман қадди туро ба зар харидор астам.
Ман қадди туро ба зар харам, нафрӯшам,
Зулфони туро ҳалқа кунам дар гӯшам.

Чашмон дорӣ сияҳтар аз боли магас,
Қадде дорӣ, чи дилрабои ҳама кас.
Гар аҳд кунӣ, вафо кунӣ, бар як кас,
Дарё нашавӣ, ки даст бишӯяд ҳар кас.

Чодар ба сарат сафед, курта нилӣ,
Дар сояи зулфони ту дорам ҳилӣ.
Ин сояи зулфони ту аз боғи биҳишт,
Аз боғи биҳишт мева нахурдам ҳолӣ.

Чашмат маст аст, чашми сиёҳат маст аст,
Зулфони гиреҳдорат мисоли шаст аст.
Бодоми думағза аст банди дастат,
Як бӯса намедиҳӣ, дилам бишкастаст.

Дорам ҳавасе дар бомам монам зина,
Дар пуштаки бом нишастааст сабзина.
Ёр, муҳра ба гарданат, ба дастат ҳина,
Як дастам ба гарданат, дигар дар сина.

Қадди ту ниҳоли бесамар кард, маро,
Ишқи ту гадои дарбадар кард маро.
Гуфтум, биравум, савдо кунам ишқи туро,
Рӯз омаду ишқи ту бадар кард маро.

Эй духтари аълочӣ, қурбони ту ман,
Садқа ба лабу лаъли дурахшони ту ман.
Хар гоҳ нигоҳ мекунӣ бар сӯям,
Ҳам садқа бар гардиши чашмони ту ман.

Ман садқа шавум аз хонамон болора,
Ин духтари қадбаланди моҳҷирора?
Ҳар чанд кардем, ӯра надоданд мора,
Оҳи дилакум мегирад моҳҷирора?

Ин беди баланд дараки маълимхона,
Маълимбачаҳак шиштай, хат мехона.
Ду қоши сиёҳуш ба қалам мемона,
Ӯ зан мегира, ба мо алам мемона.

Ҳар гоҳ ба сӯи мактабат гузарӣ,
Пӯшида либоси нав монанди парӣ.
Бо гӯшаи чашми худ кунӣ назора,
Ақлу ҳушу ҷону дили маро бибарӣ.

Идора сафед, пуштаки идора сафед,
Ҳолӣ биёя котиббачаи куртасафед.
Котиббача, қадут ҳамели писта,
Дар миёни ҷавонон туӣ гулдаста.

Кастуми сиё ба қадди ёр зебанда,
Кӯлоб рафтай омади деруш ганда.
Гуфтум, биравум, ҷаҳтуш кунум бо ханда,
Тармарга бубин, ба ҳар кӣ дил мебанда.

Ин ёри худум палтои чин-чин дора,
Дар пеши баруш нишони Ленин дора.
Чой ки бунӯш, пиёлаи чинӣ дора,
Ханда мекуна, лабони ширин дора.

Эй дилбари ҷон, дар қаду бастут ҷонум,
Дар соати тиллоии дастут ҷонум.
Гапои дурӯғ номи тура паст кардай,
Дар чашмои пурхумори мастут ҷонум.

Аз раҳаки дур омаданота садқа,
Сумка сари даст рафтанота садқа.
Ду холи сиях дорӣ миёни қошот,
Гапҳои ширини бовафота садқа.

Ма садқа шавум шамолаки болора,
Хамбидани аскарой лаби дарёра.
Курчак бигирену бурувен барфора,
Сармо набара поҳои аскарора.

Аз хона баромадум, самандар мерам,
Тӯшам таи каш, пешаки аскар мерам.
Аскар мега: Тӯшаи мо бисёрай,
Як порча хатти шумо ба мо даркорай.

Ма шишта будум дар даҳани дарбачча,
Хат омадай аз номи аскарбачча.
Котиб мехона, чашмоша мепарона,
Раис мехона, ба очаш мефаҳмона.

Як оинаи хуб доштум, ба дарё рафтай,
Як додари хуб доштум, ба поён рафтай.
Мардум мега: «Тоқаву танҳо рафтай».
Фандум накунен, қати аскаро рафтай.

Эй баччаи савзинаи зирадандон,
Повиска баромадай, мерай район.
Мерай район, ту натарс аз Гирмон,
Ин танкаи Советӣ марги Гермон!

Гашнич ба даруни пиёз дона-дона,
Пӯшида хат овардай, кӣ медона?
Медона, намедона, раис медона,
Котиб медона, ба халқ мефаҳмона.

Сар то сари девора чигас мекардум,
Ба кастуми аскарит ҳавас мекардум.
Ба кастуми аскарит ҳавас нашикаст,
Ошиқии аскарора бас мекардум.

Шудгор кунӣ замини решадора,
Ҳар кас бигира баччаи очадора.
Бачаш меора рӯмоли гулдора,
Очаш мега, ки: «Зеби келин дора».

Олича нахур, ки дандонат кунд меша,
Артиста нагир, ки ҷигарут хун меша.
Шофёра нагир, ки нози бисёр дора,
Маълима бигир, ки ноза мебардора.

Дар пешаки тиреза шифанерай, оча,
Ишқам ба ҷавони инжинерай, оча.
Китобаки инжинера ма кофта будум,
Сирри дили инжинера ма ёфта будум.

Ма шишта будум чил-чили борон омад,
Самалоти Ховалинг ба осмон омад.
Оча, ту бухез, ба хона меҳмон омад,
Ҳалими акам дар даст патифон омад.

Дугонаи ҷон, гул будӣ, лола шидӣ,
Дар савхози Ховалинг қинғола шидӣ.
Ин савхози Ховалинг ҷои ту набуд,
Ин баччаи зардина барои ту набуд.

Эй модари зор, ба ҷон баробар модар,
Дубора ба кас нашуд муяссар модар.
Не холаву не апа ба ҷои модар,
Оинаи пеши рӯи духтар модар.

Эй духтарак, дар қади пастут ҷонум,
Маълима шавӣ, дар таҳи дастут хонум.
Журнала гирум, варақ-варақ гардонум,
Нишони туро наёфта саргардонум.

Шинум, шинум, чояки нимрӯзӣ кунум,
Акам биёя, тоқиша гулдузӣ кунум.
Дар сари акам тоқии сурхи парча,
Дар пои акам мӯзай хироми лахча.

Аз тути дари мактаб шикастум навда,
Наълат ба касе, ба муаллим дил банда.
Қошои сиёҳ дораву лавзи ганда,
Семоҳаи рафтагиш умедум канда.

Овози ту ба сими телефон омад,
Аз он лаби ҷонбахш ба ман ҷон омад.
Аз савзаи навруста дар ин субҳдамӣ,
Аз лутфи ту борони баҳорон омад.

Қадди ёрум ғӯрадави ангурай,
Хаварум намегира, ки раҳуш дурай.
Дурай, дурай, ба аскаро машғулай,
Дӯстони азиз, зиндаҷудоӣ зӯрай.

Аз хона баромадӣ, гули сёвушум,
Коғаз ба қалам оинаи рӯпӯшум.
Ҳар гапе дорӣ, биё бузан дар гӯшум,
Девонаву шайдо шудаам, беҳушум.

Аз хона баромадум, оҳум накунӣ,
Шӯякта гирифтаам дуоюм накунӣ.
Шӯякта гирифтаам ба сад қавлу қасам,
Мо кавгаки қӯшаем, ҷудомон накунӣ.

Тирезаи институт ойнабандӣ,
Дар даруни институт қошпайвандӣ.
Қошпайвандӣ, миёна маҳкам бандӣ,
Дар мобайни ҷӯраҳот накун бенангӣ.

Дугонаи ҷон, ҳардумон шишта будем,
Розҳои дила ба якдигар гуфта будем.
Розҳои дила то охир гуфта нашуд,
Дар дафтари хотира навишта будем.

Садбарги сафед, сайқали дилҳоӣ,
Аз зоти парӣ, лаъли таги дарёӣ.
Як бор ба ҳоли мани бечора нигар,
Дар як таги боғему чаро танҳоӣ?!

Садбарги тарӣ, ки ҳар саҳар тозатарӣ,
Оварда туро ба боғ боди саҳарӣ.
Шабҳои дароз бе ту хобам набарад,
Ширинии лабҳои ту – хоби саҳарӣ.

Садбарги сафеди ман, куҷоӣ, охир?
Дар дидаи ман наменамоӣ, охир?
Дар ёди ту ман калобаи саргумам,
Даргоҳи умеди ман, куҷоӣ, охир?!

Эй дилбари ҷон ошиқи зори ту манам,
Садбарги сафеди панҷадори ту манам.
Гар ёри манӣ, маро фаромӯш накун,
Ту ёри манӣ, боғу лолазори ту манам.

Ман омадаам ба дидани ҷонона,
Садбарги сафеди ман, баро аз хона.
Садбарги сафеди ман, баро, рухсат гир,
Боз омадани мара Худо медона.

Дар лабаки об булбули хушхон ёрам,
Андар назарам лаъли Бадахшон ёрам.
Мардум гули сурха дар баҳорон бинанд,
Садбарги шукуфтаи замистон ёрам.

Ин дашти дарозу ҳусни дилдор хуш аст,
Садбарги сафеди хушрангубор хуш аст.
Гар ёр бигирӣ, ёри вафодор хуш аст,
Бо ёри вафодор ба гулзор хуш аст.

Ошиқ шудаам ба духтари мактабхон,
Бо духтари аълочию ҷонон илмдон.
Гуфтам, ки равам аз сари зулфаш гирам,
Аз тарси муаллимаш шудам саргардон.

Ҷонона ба кор баромадас мардона,
Истода тамошо мекунам зулфона.
Ду зулфи сиёи каҷакат аз бари рут,
Ман мунтазирам, ёрам, буро аз хона!

Қаддат чу ниҳоли пахта аст, ҷӯраи ҷон,
Бадқаҳр ба сӯи ман кушодӣ мижгон.
Аз қаҳри ту дилам ба таппиш афтод,
Дар ҳаққи ту ман мондаам аз дилу ҷон.

Обдорӣ равам, нигаҳ кунам сӯи шумо,
Аз сӯхтанама бӯса кунам рӯи шумо.
Ду кокулатон ба гарданам мепечад,
Оҳистакак дастмол кунам мӯи шумо.

Чашмам ба раҳи ҳавлии он ҷонона,
Ман мунтазирам, ёрам бурод аз хона.
Ишқи ту мара девона кардас имрӯз,
Дар нисфаки рӯз як бӯса те, ҷонона!

Ҷонона баромад баҳри кори пахта,
Аз ғайрати худ кор мекунад шоиста.
Монанди пахта ҳаст сафеди рӯяш,
Аз ҳосили бисёр меравад виставка.

Дар вақти гули гандум бурам лалмкорӣ,
Ин духтари колхозчира дорам зорӣ.
Эй духтари колхозчӣ, ҳокимбобӣ,
Ҳуснат – ба нигоҳ кунам худи моҳтобӣ.

Имрӯз баромадам, ки ёр дар лаби ҷӯ,
Камарча кушодагию нобофтагӣ мӯ.
Гуфтам, ки маро як бӯсаи ошиқӣ те,
Мегӯд, ки кам мешавад об аз лаби ҷӯ.

Айёми баҳору вақти кишту корай,
Як ошиқи тоза карданам даркорай.
Дар ошиқиҳо ҳусни расо ҳоҷат нест,
Дар ошиқиҳо аҳду вафо даркорай.

Рӯзона равам, ҷӯра, ба вақти дарсат,
Дастпона шавам, гирам ба банди дастат.
Аз пеш баромадам, табассум кардӣ,
Шуд қотили ҷони ман ду чашми мастат.

Олам нарасад қимати як мӯи сарат,
Гулғунча, кабобам кардас оҳи саҳарат.
Сад бор мурам ба лаҳҷаи ширинат,
Бе ҳасрат ҳамон касе, дилхоша гирад.

Ҷонона, ту сарсон ба Тагобам кардӣ,
Рафтӣ ба Тагобу, ёр, кабобам кардӣ.
Меҳмон шудаму рафтам ба хони додот,
Дилхоҳ набудӣ, ҷудоӣ хобам кардӣ.

Ман банда ба тарзи нигаҳи хумморат,
Ёр, банда ба холи сияҳи рухсорат.
Бо ишваву ноз чун бароӣ бари об,
Ёр банда ба ларза кардани гӯшворат.

Ёрам, ту саҳар сӯи дабистон биравӣ,
Дар даст китоб чу ғунча хандон биравӣ.
Чун модари худ туро ба оғӯш гирад,
Аз сидқи дилу меҳри фурӯзон биравӣ.

Имрӯз радио муждаи нав оғоз кард,
Боз мушаки мо сӯи фалак парвоз кард,
Аз баҳри расидан ба Хуршеду Қамар,
Бар аҳли башар роҳи сафарро боз кард.

Ман дар лаби ҷӯ дидам рухи хандуна,
Бо нозу таманно вай дароз кард нуна.
Гуфтам: Чӣ сабаб, чаро зи ман қаҳрӣ шудӣ?
Мегӯд, ки ман шинохтаам қонуна.

Ҷонона, биё, сайр ба саҳро мерем,
Дилгир шудем, гулзор тамошо мерем.
Озода манам дар чамани озодам,
Ду гул ба ҳам пайваста як ҷо мерем.

Эй лола, ту ҳамранги рухи ёри манӣ,
Эй ғунча, ту чун даҳони дилдорӣ манӣ.
Эй моҳ, агар ту як шакарханда кунӣ,
Гӯям, ки нигори шаҳдгуфтори манӣ.

Дар сардараҳо, ки лоларо шабнам зад,
Дар синаи ман ҳазор тири ғам зад.
Эй бехабарон, хабар ба ёрам бибаред,
Ин умри ҷавониро фалак барҳам зад.

Дар таҳаки долонут долон дорум,
Дар хондани институт армон дорум.
Эй падари ҷон, мара бумон, бухонум,
То рӯзи қиёмат аз ту миннатдорум.

Дар пасаки хонамон ҳавзи овай,
Дар ҳуҷраи рӯ ба рӯ маълим ховай.
Очама бугӯ, маълима домод бигира,
Як даста гули маълима савғот бигира.

Костуми сафеди чапгиребон ёрум,
Ошиқаки дурӯза пушаймон ёрум.
Ошиқаки дурӯзара бар мо кардӣ,
Маъшуқаи дилсӯхтара армон кардӣ.

Рӯят мара кушт, рӯи сафедат мара кушт,
Рӯмолсурхак, қошой сиёҳат мара кушт.
Рӯмолсурхак, рӯмолакут масковӣ,
Чашмои сиёҳи пурхуморут мара кушт.

Қаддут зира, тамоми қаддут зира,
Зебут мета костуми савзи хира.
Ҳар гоҳ мара хумори рӯят гира,
Ман оҳ кашум, савзаи тар даргира.

Рӯят гулу мӯят гулу дар сар зада гул,
Раҳгаштанакот мисли ҷунбидани гул.
Гар боғ равӣ, нишинӣ дар сояи гул,
Дар ёди табассуми ту нолад булбул.

Эй духтари сабзина, маломатрӯзӣ,
Рӯмолчара кач̧ бастӣ, маро месӯзӣ.
Дар гӯшаи рӯмолут гули наврӯзӣ,
Белафз, маро ба сад ҷафо месӯзӣ.

Аз дур нигоҳ карданут меарза,
Ду зулфи сиёҳ ба гарданут меларза.
Моро мекушан барои тори зулфут,
Тори зулфи ту ба хуни мо меарза.

Эй духтари ҳамсоя, аҷаб лабшакарӣ,
Сӯхта дили ман, кабоб карда ҷигарӣ.
Сад оташи тез агар расад бар ҷигарум,
Боке набувад, агар ба ман менигарӣ.

Қадоваи ағбара бароӣ зудтар,
Эй дилбари қаҳркарда, бугардон рӯта.
Ҳар сӯ меравӣ, часпон биёву зудтар,
Худо бигира ҷойравиҳой бадрута.

Қадди ту алифу қошакут чун дол аст,
Якрӯза ҷудоият ба ман сад сол аст.
Ҳарчанд қасам хурам, ту бовар накунӣ,
Ин чеҳраи зарди ман гувоҳи ҳол аст.

На чашми сиё дорӣ, созум тасвир,
На қоши сиё дорӣ, гардум дилгир.
На ҳамчу алиф қадут намояд ҷилва,
Валлоҳ, ки муҳаббат аст, чӣ созум тадбир?!

Ин моҳа бубин, дар осмон Айлонӣ,
Садбарги сафед гули муҷаҳромонӣ.
Эй бор Худо, дилма худут медонӣ,
Дилхоҳи мара муяссарам гардонӣ.

Се моҳи зимистону баҳора садқа,
Ин пуштазамини чукридора садқа?
Дар қишлоқи мо ҷавонҳо бисёран,
Олуфтаҷавони мӯзадора садқа!

Аз хона баромадум бозӣ-бозӣ,
Рӯмоли калон дорӣ, ба сар мендозӣ.
Гуфтум, биравум, бӯса гирум нимрӯзӣ,
Чашмони сиё дорӣ, ба хов мендозӣ.

Ёрум бигузашту ма надидум рӯша,
Нумола кашид то ба хами абрӯша.
Ма сӯзи фироқша мехурум бар ҷонум,
Маҷнуни араб шидум аз ҷустуҷӯша.

Кардам ғалате, хайма задум дар Ҷайҳун,
Бод омаду пои хаймаро кард нагун.
Лайлӣ бигирист ба ҳоли зори Маҷнун,
Санго ҳама лаъл гашту дарё ҳама хун.

Ман хоб будум, ба хотирум ёр расид,
Бедор шудум, бар ҷигарум хор расид.
Рӯзе ки танум ба гардани ёр расид,
Ду булбули ҷӯлида ба гулзор расид.

Аз дур мара диду салом дод ёрум,
Зулфони базебаша нишон дод ёрум.
Як бор хавар намегира аз ҳолум,
Сар дар бағали муборакуш кай монум?!

Ситора миёни осмон омада рост,
Моро ҳаваси дидани дидори шумост.
Ҳар рӯз набинумут, зи сад кас пурсам,
Сад рӯз набинӣ ту, намегӯӣ куҷост.

Аз хона баромадӣ, эй хушҳаракат,
Остини дароз дорӣ, ҷонум садқат!
Рӯмоли калон дорӣ, байт мехонӣ,
Аҳволи дили ҷӯрата кай медонӣ?!

Қадоваи Балҷувона пасуш Вахиё,
Ин ёраки рафтагира панош ба Худо.
Панош ба Худо, сӯи мо накард ниго,
Вай бошаи маст шуду парид ба ҳаво.

Эй духтари дарвозӣ, ғарибум кардӣ,
Аз холи лабут бенасибум кардӣ.
Аз холи лабут ташна ба дарё рафтум,
Бо тири муҳаббатут шаҳидум кардӣ.

Қадди алифут ҳамеша дар ёди ман аст,
Лаъли лаби ту наботи ҷонбахши ман аст.
Ҳар шому саҳар, ки ту биёӣ ба намоз,
Ҳарду хами абрӯи ту меҳроби ман аст.

Нӯмоли сарут, дилбар, фидоӣ боша,
Ду зулфи сиёт мушки хитоӣ боша.
Як бори дигар серӣ бубинум рӯят,
Ин меҳнати яксолам худоӣ боша.

Эй себи самарқандӣ, сарат пайдо нест,
Эй лаъли Бадахшон, дили ту бар мо нест.
Тире задаӣ бар ҷигари афгорам,
Хун мечакаду ҷароҳаташ пайдо нест.

Аз беди мусофирӣ ниҳол овардум,
Сесад гули сурха дар баҳор овардум.
Ёрони ҳама пиёда бо рангаки зард,
Ман ёри худа тоқасувор овардум.

Ёди ту кунам, дилам шарар мерезад,
Тарки ту кунам, лахти ҷигар мерезад.
То охири умр агар ту бошӣ бо ман,
Дар косаи оби ман шакар мерезад.

Ду-се солу ду-се моҳу ду-се рӯз
Ба дунболи ту, гул, гаштам шабу рӯз,
Хабар омад, ки шӯят гашта ноҷӯр,
Хабар додам ба дуккони кафандӯз.

Эй рӯи ту гулгун зи маи ноб шуда,
В-аз хуни дилам чу лола сероб шуда.
Аз чашми тарам бисанҷ ин сӯзи дарун,
Аз оташи ишқат ҷигарам об шуда.

Рӯзе, ки фалак нишонаи тирам кард,
Пайваст ба зулфи ёру занҷирам кард.
Пайваст ба зулфи ёру печида шудам,
Ғамҳои Зарина оқибат пирам кард.

Чашмат аҷаб аст, ғамзаи чашмат аҷаб аст,
Ҳар кас ки туро бинад, насӯзад, аҷаб аст.
Булбул ба қафас, қафас миёни оташ,
Булбул сӯзаду қафас насӯзад, аҷаб аст.

Эй дилбари ман, дар дили ту чист, бигӯ,
Ғайр аз худи ман ошиқи ту кист, бигӯ.
Гар ҳаст, бигӯ, нест бигӯ, рост бигӯ,
Моро ғами ту, туро ғами кист, бигӯ!

Дурӣ аз ман, аз ту хабар нест маро,
Месӯзаму чораи дигар нест маро.
Хоҳам, ки ба ҷониби ту парвоз кунам,
Аммо чӣ кунам, ки болу пар нест маро.

Се моҳи дароз шудаст, ёрам рафтаст,
Себ дар бағалам, гул аз канорам рафтаст.
Дар хона агар шаҳду шакар мерезад,
Безорам аз ин хона, ки ёрам рафтаст.

Ҳар кас, ки дар ҷаҳон зан мегира,
Дар ҷони азизи худ ситам мегира.
Халқони ҷаҳон асири як зан шудаанд,
Наълат ба касе, ки ӯ ду зан мегира.

Дар фасли баҳор гул ба дастор хуш аст,
Нолидани булбул ба шаби тор хуш аст.
Ҳайфи тани нозукат, эй куртасафед,
Шаб дар бағали ёри вафодор хуш аст.

Ситора ба нӯги бед мебинам ман,
Аз дилбари худ умед мебинам ман.
Рӯзе, ки танам бо тани дилбар бихурад,
Он рӯза баҳори ид мебинам ман.

Эй дилбари ман, ҳакарӣ мегардӣ,
Дар гӯшаи бом мисли парӣ мегардӣ.
Дар гӯшаи бом мисли парӣ одам нест,
Монандаки кабки саҳарӣ мегардӣ.

Рӯзе, ки сарум дард кунад, нола кунум,
Рӯ бар тарафи кадом бегона кунум?!
Бегона агар вафо кунад як дамаке,
Монанди таоме, ки надорад намаке.

Гулҳои сафед даруни боғут дидум,
Гуфтум, биканум зи боғбон тарсидум.
Бо меҳру вафо аз боғбон пурсидум,
– «Гул зеби сарут, боға ба ту бахшидум».

Духтар, духтаре садаф гирифтаст дар бар,
Ороста кардаст, худша мисоли кафтар.
Шоҳин шавуму ӯро бигирум аз ҷар,
Созе бигирум, озор наёбад як пар.

Гул дидаму гул дидам, гулҳо дидам,
Садбаргу бунафшара дар як ҷо дидам.
Лайлию бунафшаро ҳамроҳи суман,
Дому сояи санг сунбула танҳо дидам.

Шабҳои дароз пушти дарут мепоям,
Сӯхт фарқи сарум то кафи пойҳоям.
– Дар шарфаи поҳоят ман бедорум,
Сар аз бағали золим чӣ хел бардорум?!

Эй куртасафед, ман канизи ту шавум,
Дар гандуми сабз ман замини ту шавум.
Дар гандуми сабз даравгарон бисёранд,
Як бӯса бидеҳ, ман хӯшачини ту шавум.

Осуда саре, ки хоки пои ту шавад,
Хуррам дили он ки мубталой ту шавад.
З-он пеш, ки дигаре фидо созад ҷон,
Эй кош, ки ҷони ман фидои ту шавад.

Лаъли лабат эъҷози Масеҳо дорад,
Чашми сияҳат нашъаи саҳбо дорад.
Аз соиди ту ҳусн қавибозу шуд,
Зеро ки ба хубӣ яди байзо дорад.

Гулро асари рӯи ту гулпӯш кунад,
Ҷонро сухани хуби ту мадҳуш кунад.
Оташ, ки шароби васли ту нӯш кунад,
Аз лутфи ту сӯхтан фаромӯш кунад.

Ҷонони маро ба ман биёред имшаб,
Гар мурда шавам, ба ӯ супоред имшаб.
Як бӯса кунам даҳони ӯро як бор,
Гар зинда шавам, аҷаб мадоред имшаб.

Дур дар садафу садаф ба дарё ташна,
Аз ҷаҳти садаф булбули раъно ташна.
Мо дар аҷабем, ки ҳардумон дар обем,
Об аз сари мо гузаштаву мо ташна.

Бе дарду ғами ишқ дил обод мабод,
Бе лаззати ҳарду каси дилшод мабод.
Озодии мо бандагии ҳазрати туст,
Аз сарви қадат қалби ман озод мабод.

Ин беди баланд, соя лаби ҷар бошад,
Дар сояи бед як села духтар бошад.
Ман мор шавам, ҳалқа занам навдаи бед,
Бечора касе, ошиқи духтар бошад.

Ҳар кас, ки дар ин замон ду зан мехоҳад,
Бар ҷони азизи худ ситам мехоҳад.
Шерони ҷаҳон асири як зан шудаанд,
Лаънат ба касе, ки ӯ ду зан мехоҳад!

## ДУБАЙТИҲО

Меравӣ аз назарам ёд кунам ё накунам?
Ин дили ғамзадаро шод кунам ё накунам?
Ин дили ғамзадаро ғамзадагон медонанд,
Ин рафиқи кӯҳнаро ёд кунам ё накунам?

Ба ёрон алвидо гуфтему рафтем,
Зи тахти дил дуо гуфтему рафтем.
Ҳамон ёре, ки бо мо дошт шафқат,
Ҳаволаш бо Худо гуфтему рафтем.

Ай хона баромадум, чашмум ба намай,
Чашмум ба нам асту дилакум пур аламай,
Мардум меган кӣ «дар дилут чӣ аламай?»
– Ин доғи мусофирӣ зардоби ғамай.

Намози шом ғарибӣ рух ба ман кард,
Дилум ҷавлон заду ёди ватан кард.
Намедонум, падар кард ё бародар,
Маро гӯшанишини ҳар ватан кард.

Мусулмонон, бубинед ҷои мо нест,
Замину мулкам аз бобои мо нест.
Агар хотири ин ёрам набошад,
Ки занҷири касе дар пои мо нест.

Диле дорум, дили носуда дорум,
Хаёли зинда, доғи мурда дорум.
Хаёли мурдаю хости худо буд,
Ҷудоии зиндаро тоқат надорум.

Сари кӯҳи баланду давдавонум,
Камон дар китфу ханҷар дар миёнум.
Илоҳо, бишканад дасти камонсоз,
Аз ин дасти камон бехонумонум.

Ало духтар, ки дар шаҳри шумоем,
Ғарибу бекасу беошноем!
Чилимро тоза кун баҳри мусофир,
Ки имшаб ин ҷаву фардо куҷоем.

Бари рӯи сафедат хол дорад,
Мусофир такя бар девол дорад.
Ба ҳар кас кардаӣ дастобагардан,
Магар дасти мусофир хор дорад?

Ситора дар ҳаво бишморум имшаб,
Ба болинум биё, беморум имшаб.
Ба болинум биё дар вақти мурдан,
Бубинум рӯят, эй дилдорум, имшаб.

Алиф будум, зи ишқат дол гаштум,
Кулаҳ пушидаму абдол гаштум.
Чу гул будум миёни тозагулҳо,
Ғариб афтодуму чун хор гаштум.

Ба Ҳисор меравад духтару модар,
Ки очаш барги гул духтар кабутар.
Худовандо, маро шоҳин бигардон,
Бигардум сар-сари роҳи кабутар.

Сари кӯҳи баланд фарёд кардам,
Алӣ-шери Худоро ёд кардам.
Алӣ-шери Худо, ё шоҳи мардон,
Балоро аз сари роҳам бигардон!

Ба каф рӯмоли гулдори ту бошум,
Ба ҳар гулзор харидорӣ ту бошум.
Ба ҳар гулзор харидорон зиёданд,
Ҳанӯз мӯҳтоҷи дидори ту бошум.

Таги чодири ёрум гулгулон аст,
Ҳазорон меравад, ёрам кадом аст.
Нишонаш ҳаст агар, ӯро шиносед,
Ҳамон сабзинаи ороми ҷон аст.

Нигори нозанин, ҳастам ғуломат,
Бигир дастам, бубар болои бомат.
Бубар болои бом, касе набошад,
Бидеҳ бӯса аз он лаъли лабонат.

Ситора дар ҳаво нақши замин аст,
Худам ангуштару ёрам нигин аст.
Худовандо, нигинамро нигаҳ дор,
Ки ишқи аввалу охир ҳамин аст.

Нигори нозанини зирадандон,
Барои ту маро бурдан ба зиндон.
Чаро ғам мехурӣ, эй ёри нодон?
Дута гушвор дорум – харҷи зиндон.

Нигори нозанини аҳли дардам,
Сарамро гар буранд, аз ту нагардам.
Сарамро гар буранд бо ханҷари тез,
Ба хун ҷавлон кунам, аз ту нагардам.

Сари кӯҳи баланд ҷуфт аст ситора,
Ҷавони навхати бистудусола.
Ҷавонон, қадри якдигар бидонед,
Дигар кай мешавад умри дубора.

Ситора дар ҳаво мебинам имшаб,
Заминро зери по мебинам имшаб.
Ҳама бо ёри худ дасто ба гардан,
Туро аз худ ҷудо мебинам имшаб.

Ду-се рӯз аст, ки бӯи гул наомад,
Садои хондани булбул наомад.
Равед, аз боғбони гул бипурсед,
Чаро булбул ба сайри гул наомад?!

Ало ҷоно, ки ҷонатро бигардум,
Камарбанди миёнатро бигардум.
Камар бастию хунамро бирехтӣ,
Дили номеҳрубонатро бигардум.

Дуто духтар ба сӯи боғ мерафт,
Якаш пеш-пеш дигар дунбол мерафт.
Ма қурбони ҳамон пешинадухтар,
Ки зулфаш дар камар печида мерафт.

Гули сурху сафеди кандакорӣ,
Миёни духтарон соҳибҷамолӣ.
Миёни духтарон бошӣ саломат,
Дуогӯи ту ҳастам ман то қиёмат.

Биё, ҷону биё, ҷононаат ман,
Бағал бикшо, ки сармобурдаат ман.
Бағал бикшо маро кунҷи бағал гир,
Ҳамон ёру рафиқи куҳнаат ман.

Сари кӯҳи баланд то кай нишинам,
Чу лола сар барорад, ман бичинам.
Чу лола сар баровард, бебақо шуд,
Чилими нуқрагин аз каф хато шуд.

Баҳорон шуд, биё, эй сарви симин,
Шукуфта лола, саҳро гашта рангин.
Магӯ аз савсану аз гул ҳикоят,
Ки булбул мебарорад савти ширин.

Қадат аз нахли райҳон офариданд,
Рухат аз моҳи тобон офариданд.
Ду рухсорат барои бӯсаи тар,
Ду чашмат офати ҷон офариданд.

Биё, эй дилбари бехонумонам,
Биё, эй булбули ширинзабонам.
Биё, эй бӯи райҳони баҳорон,
Биё, ки аз фироқат дилфигорам.

Аз он рӯзе ки бурданд моҳи моро,
Гули сурху сафед, раънои моро.
Худоё, бурдагӣ хайре набинад,
Парешон карду рафт аҳволи моро.

Ба дастони сафедат барги ҳина,
Лаби бомат баром, ҳеҷ кас набина.
Ту бозӣ карда биёӣ ба пешам,
Лабонам аз лабонат гул бичина.

Шаби васласту, ҷононам куҷо шуд?
Баҳор омад, гулистонам куҷо шуд?
Ба рӯи сабзаҳо себарга ғелид,
Бигӯ, сарви хиромонам куҷо шуд?

Сари кӯҳи баланд олу шинонам,
Дарахти себу зардолу шинонам.
Дарахти себу зардолу ту дорӣ,
Ду чашми масти хоболуд ту дорӣ.

Диле дорум, ки дар фармони ман нест,
Ҳаёту зиндагӣ дар ҷони ман нест.
Ба ҳар кӣ нон бидодам гашт душман,
Магар таъми намак дар нони ман нест?!

Дилам решу дилам решу дилам реш,
Надорам толеъ аз бегонаву хеш.
Агар бегонаро бо худ кунам хеш,
Ба мисли мору каҷдум мезанад неш.

Биё, бо ҳам равем сайри гулистон,
Тамошо мекунем мо боғу бустон.
Гаҳе гулчин, гаҳе сарву хиромон,
Ба пешат гар мурам, дигар чӣ ормон?!

Нигори нозанин, ҳастам ғуломат,
Бигир дастам, бубар болои бомат.
Бубар болои бомат, кас набинад,
Бите бӯса аз он кунҷи лабонат.

Сари девори бесархор то кай?
Ҳама бо ёру мо беёр то кай!
Ҳама бо ёри худ дасто ба гардан,
Мани мискин гули бехор то кай?

Баёзи гарданат монанди шиша,
Ғамат аз хотирам берун намеша.
Ғамат дар хотирам гашта дарахте,
Кашида шоху баргу карда реша.

Худовандо, чӣ ҳол аст бар сари ман,
Ки аз сони сафед шуд бистари ман.
Худовандам туро духтур бисозад,
Ки истода шавӣ болой сари ман.

Биё, ки сар ба сомонат кунам, ёр,
Гуле чида. ба домонат кунам, ёр.
Гули чида ба домонат чӣ боша,
Биё, ки ҷон ба қурбонат кунам, ёр.

Ситора дар ҳаво мебинам имшаб,
Замин дар зери по мебинам имшаб,
Замин дар зери пои кулли олам,
Ки ёр аз худ ҷудо мебинам имшаб.

Сари кӯҳи баланду нола кардам,
Назар ба ҳавлии ҷонона кардам.
Назар кардам, надидам ёри худро,
Гиребон то ба доман пора кардам.

Арақчини сарат гул-гул зарӣ буд,
Бародарҳот ба Кобул бистарӣ буд.
Шавам қурбони шабҳои зимистон,
Ки дасти бозӣ зери сандалӣ буд.

Зимистон омаду гашта ҳаво сард,
Ғарибонро фиканда дар ғаму дард.
Магар дар боғи ҳусни ту хазон аст,
Ки карда ранги моро ин қадар зард?

Ало духтар, таманнои ту дорам,
Назар бар қадду болои ту дорам.
Тамоми меваҳо дар боғи шоҳист,
Умед аз меваи боғи ту дорам.

Расидам пеши дарвозай сароят,
Ба гӯшам мерасад ширин гапоят.
Агар очат маро домод бигирад,
Ма худ мешам ғуломи гапдароят.

Дар ин кӯча гули бодом дорам,
На шаб хобу на рӯз ором дорам.
Надорам қосиде, роҳӣ кунам, ёр,
Ба дасти раҳгузар пайғом дорам.

Ма қурбонат шавам, парвардгоро,
Ба мо лоиқ надидӣ, ёри моро.
Ба мардум додаӣ толеъу бахте,
Ба мо додӣ ду чашми ашкборо.

Ҷудоӣ офати ҷонам шуд охир,
Ҷудоӣ дарди пинҳонам шуд охир.
Бирафтӣ аз канорам, ҷон супурдам,
Ҷудоӣ марги осонам шуд охир.

Лаби хурмои тар дорӣ, гули ман,
Ба шаҳри нав гузар дорӣ, гули ман.
Худат шиштӣ сари тахти ҳаётӣ,
Аҷаб нозук камар дорӣ, гули ман.

Чӣ шуд, гар хотири хуррам надорам,
Ғами ишқи ту дорам, ғам надорам.
Ма, ки мурдум, макун мотам ба маргум,
Шаҳиди бекасам, мотам надорам.

Худам сабза, ки ёрам сабзапӯш аст,
Ба чоррохе нишаста гулфурӯш аст.
Ду чашмаш сангу абрӯяш тарозу,
Мисоли заргарон қиматфурӯш аст.

Ду зулфи нозанин дорӣ, гули ман,
Хироҷи мулки чин дорӣ, гули ман.
Ду чашмат дар ҷаҳон қимат надора,
Ҷаҳон зери нигин дорӣ, гули ман.

Ду дилбар дораму дорам яке дил,
Худоё, кори ман афтода мушкил.
Худовандо, диламро пора созӣ,
Ба ҳар дилбар диҳам як пораи дил.

Кабӯтар мепара бар қасри ёрам,
Бирав хона, бигӯ, ман интизорам.
Аз он соат ки аз пешам бирафтӣ,
Ба ҳар паҳлӯ, ки гаштам, беқарорам.

Қади сарват зи райҳон офариданд,
Лаби лаълат зи марҷон офариданд.
Зи рухсорат барои бӯса кардан
Аҷаб лаъли Бадахшон офариданд.

Сари роҳат нишастам субҳвақте,
Зи оби дида биншондам дарахте.
Шамол омад, дарахт аз реша барканд,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.

Агар ту дилбарӣ, ман дилрабоям,
Агар ту нуқрай, ман соф тилоям.
Агар ту духтарию шармат ояд,
Ишорат кун, ки ман пешат биёям.

Гули садбарги тобистони модар,
Фирори мулки туркистони модар.
Равон кун хат ба поси он ки хӯрдӣ
Ба тифлӣ шир аз пистони модар.

Ма қурбони ту нозукдона мешам,
Агар рафтӣ сафар, девона мешам.
Агар рафтӣ, кунам ёди ту, марг аст,
Фаромушат кунам, девона мешам.

Макун сурма, ки бе сурма ҷавонӣ,
Агар сурма кунӣ, ҷонам ситонӣ.
Чаро сурма кунӣ бар чашми мастат?
Магар ҷаллоди ҷони ошиқонӣ?!

Чаро истодаӣ дар пушти девор,
Маро кардӣ ба дарду ғам гирифтор.
Илоҳо, бобии пират бимирад,
Ба ҳар қимат, ки гӯӣ ман харидор.

Ситора сар заду бедор будам,
Ба зери рахнаи девор будам,
Ки мурғи номурод бонги саҳар зад,
Ҳанӯз ҳам интизори ёр будам.

Бари рӯи сафедат мисли шир аст,
Худат шоҳу ду чашмонат вазир аст.
Худат шишта сари тахти адолат,
Рафиқат ҳамдами саҳро, фақир аст.

Илоҳо, шаб саҳар гардад ба зудӣ,
Гул аз хона бадар гардад ба зудӣ.
Ниҳоли меҳри ӯ дар дил нишаста,
Илоҳо, босамар гардад ба зудӣ.

Баҳор омад, ма қурбони ту гардам,
Фидои тири мичҷгони ту гардам.
Чӣ хуб дар аҳди худ истода ҳастӣ,
Фидои аҳду паймони ту гардам.

Баҳор омад, ало, эй ёри гулпӯш,
Шукуфа бо дарахтон мезанад ҷӯш.
Ма қурбонат шавам, эй анбаринмӯ,
Накун аз ёри ширинат фаромӯш.

Баҳор омад, ало, эй нури дида,
Шукуфа бо дарахтон сар кашида.
Чаро бар ман вафодорӣ надорӣ?
Зи ҳиҷрат ҷони ман бар лаб расида.

Баҳор омад, шукуфа карда туфон,
Бишин дар зери шохи гул парешон.
Бireза барги гул бар мӯю рӯят,
Дарахти гул шавад дар пушта ҳайрон.

Баҳор омад, баҳор омад, гули ман,
Замони киштукор омад, гули ман.
Биё, ёрҷон, рӯи ту чун шукуфа,
Ки корҳо бешумор омад, гули ман.

Биё, дилбар, ки фасли навбаҳор аст,
Ба ҳар сӯ шар-шар оби ҷӯбор аст.
Биё, дилбар, кунем сайри шукуфа,
Тамоми кӯҳу саҳро лолазор аст.

Баҳор омад, дарахто қадбаланд шуд,
Шукуфа поймоли ёсуман шуд.
Гули лола ба гулҳо таъна мезад,
Патуни номурод шоҳи чаман шуд.

Буҳор омад, биё, эй сарви симин,
Зи ҷӯши лола саҳро гашт рангин.
Магӯ, аз савсане дорад ҳикоят,
Ки булбул мекунад овози ширин.

Буҳор омад, гулистон мушкбор аст,
Зи ҷашни лола саҳро зарнигор аст.
Буҳор омад, гулу булбул ҳамоғӯш,
Чаман дар базми гул оташқатор аст.

Буҳору ҳусни гул дунбола доранд,
Парирӯён сuроғи лола доранд.
Буҳор омад, буҳори васли ҷонон,
Дилу ҷонам зи ҳиҷрон нола дорад.

Буҳор хуб аст, ки гулҳо зинда меша,
Ҷамоли моҳи нав тобанда меша.
Хазони ранги тиллоят набинам,
Либоси боғ аз ту зинда меша.

Буҳор омад, нигори нозанинам,
Биё, то як даме серат бубинам.
Биё, то як даме бо хотири шод,
Ба паҳлӯят мани мискин бишинам.

Ҳаму девор, ки хишти хом дорад,
Ҳаму дилбар, ки Ширин ном дорад.
Нишоне гӯямат, гар ту шиносӣ,
Шукуфа бо гули бодом дорад.

Ало, ёрҷон, қадрдон ҳастӣ, ё не?
Ту шӯ кардӣ, пушаймонӣ, ё не?
Ту шӯ кардӣ, насибу қисматат буд,
Бигӯ ростӣ, ту хандон ҳастӣ, ё не?

Агар мурдам дар ин дашту биёбон,
Сари мурдам биёӣ, эй ширинҷон.
Ҳамон соат кафанпечам намуданд,
Бигирӣ дар бағал бо чашми гирён.

Арақ гирди лабат шабнам гирифтаст,
Дили бедарди моро ғам гирифтаст.
Ту мехоҳӣ, ки ман пешат биёям,
Сари роҳи маро душман гирифтаст.

Ало, заргар, ба ту ман кор дорам,
Бисоз ангуштаре, ки ёр дорам.
Бисоз ангуштаре аз нуқраи соф,
Ки ҷумъа ваъдаи дидор дорам.

Ало, дилбар, ҳамеша интизорум,
Харобу зарду зору беқарорум.
Ма қурбони ҳамон шабҳои маҳтоб,
Ки афтида будӣ ту дар канорум.

Ало духтар, алиф нуқат надорад,
Дилам ошиқ шуд, тоқат надорад.
Дилам ошиқ шуда бар чашми мастат,
Ки чашмат лоиқи ҳар кас надорад.

Ало духтар, ҳамеша тоза бошӣ,
Ба назди панҷара истода бошӣ.
Ба назди панҷара сармасту хандон,
Илоҳо, то қиёмат зинда бошӣ.

Ало духтар, ҷудогии мо чӣ сахтай,
Намедонум, ки рӯзу шаб чӣ вахтай.
Биё пешум, ки рӯятро бубинам,
Ки кори ошиқӣ толеъу бахтай.

Ало духтар, ту ақли хом кардӣ.
Ба дасти нокасон пайғом кардӣ.
Ба дасти нокасони номусулмон,
Худа расво, маро бадном кардӣ.

Илоҳо, бишканад дасти ситамгар,
Ки теша мезанад бар тахтаи дар.
Илоҳо, тахтаҳо вайрона гардад,
Ки шояд боз бинам рӯи дилбар.

Аз ин пушта биёмад селакафтар,
Ба ҳаммом мераванд духтару модар.
Ба ҳаммом мераванд, зудтар биёянд,
Ғуломи модарам, шайдои духтар.

Агар дарди диламро чора бошад,
Куҷо ёр аз барам овора бошад?
Чӣ нуқсон мерасад дар кори хубон,
Ки кори ошиқон якбора бошад?

Ало, эй нозанини гулъизорам,
Анису мӯниси шабҳои торам.
Ба як ҷилва рабудӣ аз бари ман
Тавону тоқату сабру қарорам.

Ало духтар, ма дорум орзуят,
Ба қоғазҳо бигирум акси рӯят.
Муноҷот мекунум пеши Худованд,
Ки боди навбаҳор биёра бӯят.

Ало духтар, куҷо ҳастӣ ту меҳмон,
Ба лабҳоят задӣ сурхӣ фаровон.
Сари роҳат бишинум мисли Маҷнун,
Маро аз ошиқӣ кардӣ пушаймон.

Баҳор омад, гулистон мушкбор аст,
Зи ҳусни лола саҳро зарнигор аст.
Баҳор омад, гулу булбул ҳамоғӯш,
Чаман дар базми гул оташнисор аст.

Баҳор омад, шукуфа карда тӯфон,
Ба зери шохи гул шишта нигорҷон.
Бибора барги гул бар мову рӯяш,
Ниҳоли гул шавад пеши ӯ ҳайрон.

Баҳор омад, ба саҳро лола пошид,
Зи кӯҳу дашт садҳо чашма ҷӯшид.
Кабутарҷон, биё парвоз гирем,
Ба сӯи чашмаи ҷӯшони хуршед.

Баҳор омад, ки гулпӯшат кунам, ёр,
Назар бар ҳалқаи гӯшат кунам, ёр.
Каломуллоҳ бигардад хасми ҷонам,
Агар як дам фаромӯшам кунам, ёр.

Баҳор омад, баҳори ман наёмад,
Гул омад, гулъизори ман наёмад.
Илоҳӣ, душмано нобуд гарданд,
Ки ёрам дар канори ман наёмад.

Баҳору абру борон дилфиреб аст,
Ниҳоли навраси ман ҷомазеб аст.
Барои ошиқи дилдода аз каф
Рухат боғу занахдони ту себ аст.

Агар бар сар хӯрам сад чӯби корӣ,
На тарки сар кунам, на тарки ёрӣ.
Агар садсола гардам пиру ранҷур,
Ҳанӯз аз ман биёяд бӯи ёрӣ.

Бикун ёдам, ки аз ғусса бимурдам,
Дили садпораро бо ту супурдам.
Чаро, ҷонон, фаромӯшам намудӣ?
Ба машҳар доғи ҳиҷрони ту бурдам.

Биё, ки зор гаштам, дилбари ман,
Зи ғам бемор гаштам, дилбари ман.
Намепурсӣ зи аҳволи харобам,
Ба бистар хор гаштам, дилбари ман.

Биё, дилбар, ки дорам орзуят,
Шавад ҷонам фидои тори мӯят.
Барои ин ки дил ором гардад,
Ба коғаз мегирам ман акси рӯят.

Ҳамеша ёди рӯят мекунам, гул,
Гулоб астӣ, ки бӯят мекунам, гул.
Агар сад ёри ҷонӣ дошта бошам,
Фидои тори мӯят мекунам, гул.

Дурӣ зи ману зи ман саломат бодо!
Ҷону дили ман фидои номат бодо!
Ман бе ту нафас накашам дар олам,
Бе ман ту нафас кашӣ, ҳаромат бодо!

Қалам бар даст, фикрам бар ту бошад,
Тасаллои дилам зикри ту бошад.
Ба ҳар навъе, ки бошам ҳар куҷое,
Умедам дидани рӯи ту бошад.

Нависам номае аз бенавоӣ,
Бибандам дар пар мурғи ҳавоӣ.
Бигӯям: Номаро бар ёри ман деҳ,
Бигӯ «Сад доду бедод аз ҷудоӣ».

Дар олам неку бад бисёр бошад,
Ғаму шодӣ ба инсон ёр бошад.
Бирав, хуш бош андар зиндагонӣ,
Ки умри рафта нотакрор бошад.

Чӣ гӯям, дафтарам холист, имшаб,
Ҳама бому дарам холист, имшаб.
Сарам холист, дилам холист, имшаб,
Ки ҷои дилбарам холист, имшаб.

Агар ёдат кунам, дардам шавад зӯр,
Фаромӯшат кунам, чашмам шавад кӯр.
Аз он дилбурдаи номард нестам,
Туро ман интизорам то лаби гӯр.

Дилам гум мезанад, гум кардаам ту,
Даруни синаи ғампарварам ту.
Ҳама баҳри даво ҷӯянд гиёҳе,
Гули бо хуни дил парвардаам ту.

Қади чун сарви тар дорӣ, гули ман,
Ки муҳо то камар дорӣ, гули ман.
Агар майли дилат бо ман набошад,
Магар ёри дигар дорӣ, гули ман.

Биё, ки рӯма бар рӯят бимонам,
Ки сар болои зонуят бимонам,
Ки сар болои зонуят чӣ боша,
Ки лаб бо лаби хушбӯят бимонам.

Сари кӯҳи баланд олу шинонам,
Дарахте ҳамқади бону шинонам.
Агар донам, ки бону ёри ман ҳаст,
Аз ин зону ба ин зону шинонам.

Баҳор омад, ҷаҳон гашта намудор,
Ки гул омад гирифта манзили хор.
Маро бо зулфаконат баста кардӣ,
Задӣ дар синаам захме дусад бор.

Баҳори нозанин сад ғунча во кард,
Ба дилҳо ишқу шайдоӣ ба по кард.
Намедонам, чаро ёри маро бурд,
Ба домони рақибам ошно кард.

Баҳор омад, гуло-бо чиданӣ шуд,
Лабои духтаро бӯсиданӣ шуд.
Лабои духтари ширмасти ширин,
Ба мисли найшакар ҷӯшиданӣ шуд.

Баҳор омад, агар он ёри ҷонӣ,
Барояд бо либоси арғувонӣ,
Либоси арғувонӣ зеб дорад,
Худо, моро ба коми дил расонӣ!

Ду чашмони ғизолатро кӣ дорад,
Ду абрӯи ҳилолатро кӣ дорад?!
Бигардам деҳ ба деҳ, қалъа ба қалъа,
Бипурсам, ихтиёратро кӣ дорад.

Ҳамон рӯзе, ки рафтӣ аз бари ман,
Парида бози давлат аз сари ман.
Тамоми хоки одамро бибезӣ,
Наёбӣ дар ҷаҳон хокистари ман.

Макун бо хубрӯён ошноӣ,
Битарс аз меҳнати рӯзи ҷудоӣ.
Агар хубони олам хуб мебуд,
Намекард Лайлӣ аз Маҷнун ҷудоӣ.

Биё, ки орзуи дидор дорам,
Даме биншин, ки бо ту кор дорам.
Даме биншин, ту нури дидаи ман,
Ки рози дил ба ту бисёр дорам.

Ситора дар ҳаво, Аллоҳу акбар,
Ба як парриш равам дар пеши дилбар.
Ба як парриш равам бӯса бигирам,
Ки бӯса ширин аст аз қанду шакар.

Чаро имрӯзу фардо мекунӣ, ёр,
Чаро ғамро ба дил ҷо мекунӣ, ёр?
Мисоли кундаи тар дар танӯрам,
Зи дур шиштӣ, тамошо мекунӣ, ёр!

Қади ёрам мисоли най борик,
Занам наъра дар ин шабҳои торик.
Ба мисли ёри худ касро надидам,
На дар турку на дар қазоқу тоҷик.

Ало ёр, тоқати ман тоқ гашта,
Дилам бо диданат муштоқ гашта.
Ки ҳарчӣ мекунам сабру қаноат,
Сару рагҳои он авроқ гашта.

Ҳироту Маймана то мулки Анхӯ,
Самарқанду Бухоро то ба Шоҷӯ.
Тамоми мулки Афғонро бигаштам,
Надидам мисли ту ман як сияҳмӯ.

Ало, боди сабоҳи субҳи дилгир,
Хабарамро бубар бар модари пир.
Бигӯ: Фарзанд саломе мерасонад,
Пиҳилам кун, ки шабҳо додаӣ шир.

Агар дилбар ба ман якранг будӣ,
Садои ман мисоли занг будӣ.
Сари дилбар ба рӯи зонуи ман,
Сари душман ба зери санг будӣ.

Аҷаб нолону саргардонам имрӯз,
Миёни оташи сӯзонам имрӯз.
Миёни оташи сӯзон чӣ бошад?
Фирори мулки Покистонам имрӯз.

Қадат пастасту болоят баланд аст,
Ба ширинӣ лабонат мисли қанд аст.
Аз ин холи лабат бӯсам ба мисқол,
Намедонам, ки мисқолаш бачанд аст.

Ду зулфи нозанин дорӣ, гули ман,
Хироҷи мулки Чин дорӣ, гули ман.
Ду чашмат дар ҷаҳон қимат надорад,
Ҷаҳон зери нигин дорӣ, гули ман.

Биё, ёрҷон, ки ёрат гашта дилтанг,
Биё, аз ошиқи зорат макун нанг.
Хабар нестӣ зи аҳволи харобам,
Мазан бар шишаи уммеди ман санг.

Ба болои лабат хол аст, ширинҷон,
Дурӯза ҳаҷри ту сол аст, ширинҷон.
Намедонам, ки оям ман ба хизмат,
Рафиқат мурғи бебол аст, ширинҷон.

Ма-ку ёр мегирам, шоҳзода бошад,
Китоби ошиқира хонда бошад.
Китоби ошиқӣ – Лайлию Маҷнун,
Мудоман пеши ман истода бошад.

Аз ин ҷо то ба Кобул гул бикоштам,
Миёни он гуло себам гузоштам.
Ҳамон себро бубар, бар дилбарам деҳ,
Ки ҳар чӣ дар дилам буд, ман навиштам.

Ду чашми наргиси мастат маро кушт,
Ишорат кардани дастат маро кушт.
Шаби маҳтоб маҳтобат бубинам,
Ҳамон абрӯи пайвастат маро кушт.

Дуто духтар дар ин ҳавлӣ ҳаёт аст,
Якаш қанду дигаш шохи набот аст.
Ма қурбони ҳамон қанду наботаш,
Дилам назди наботаш лек мот аст.

Зи ҳиҷронат забунам, бибӣ Лайло,
Намепурсӣ, ки чунам, бибӣ Лайло.
Ба лаб хандону лекин доғ пинҳон
Чу лола дар дарунам, бибӣ Лайло.

Бикуштӣ ошиқони бенаворо,
Туро шоҳи париҳо гашта шайдо.
Аҷаб ошиқкушӣ, эй ҷони ширин,
Надонистӣ раҳу расми вафоро!

Зи дастат заҳри қотил мекунам нӯш,
Кунам кай аз ту як соат фаромӯш?!
Бибурдӣ, нозук, эй шакарлаби ман,
Зи дил сабру зи тан ҷону зи сар ҳуш.

Фалак бингар, чӣ зулми нораво кард,
Маро аз ту, туро аз ман ҷудо кард.
Ғами олам ҳама реги биёбон,
Фалак барчиду бар домони мо кард.

Биё, кун, эй бародар дар Ватан кор,
Зи муздурӣ бикун бар аҷнабӣ ор.
Агар дар гулшани бегона бошӣ,
Аз он гулҳо бувад беҳ дар Ватан хор.

Худоям хор карда, бо кӣ гӯям?
Ҷудо аз ёр карда, бо кӣ гӯям?
Сари ханҷар ба рӯи синаи ман,
Ба ҷигар кора карда, бо кӣ гӯям?

Маҳи ман рӯ ба рӯ бо ноз биншаст,
Ба нахлистон қади шамшод бишкаст.
Ғараз аз шистани дилбар ҳамин буд,
Раги дилро ба тори мӯй мебаст.

Аҷаб дилбар, ки шиштӣ рӯ ба рӯям,
Намедонам, ки аз шодӣ чӣ гӯям.
Суханҳое, ки дорам дар дили худ,
Намедонам, бигӯям ё нагӯям.

Шудам ҳоло гирифтори ту, духтар,
Шудам бо ҷон харидори ту, духтар.
Ки моҳи чордаҳро шарманда кардаст,
Шуои барқи рухсори ту, духтар.

Ма қурбонут шавум, эй дилбари ҷон,
Тамоми кӯчаро кардӣ чароғон.
Тамоми кӯчаро ман гул бикорум,
Ту гул бошӣ, муҳаббат гулнигаҳбон.

Куҷо бошад, ки он ҷо гул набошад,
Садои кабки рав, булбул набошад.
Ба ҳар ҷо нағма созад булбули ман,
Ба он ҷо ҳоҷати ғулғул набошад.

Агар Лайлӣ ба даврони ту будӣ,
Чу Маҷнун масту ҳайрони ту будӣ.
Агар хуршед мебудӣ заминро,
Тулӯаш аз гиребони ту будӣ.

Манам Вомиқ, ки Азроям ту бошӣ,
Манам Юсуф, Зулайхоям ту бошӣ.
Манам Маҷнун, ки дар ишқат сӯхтам,
Ало маъшуқа, Лайлоям ту бошӣ.

Лабат бӯсам, забонатро биҷӯшам,
Садои хандаат бояд ба гӯшам.
Кадом вақте ту ҳамрози ма бошӣ,
Ҳамон вақт тоза меша ақлу ҳушам.

Лабат бӯсам, ки норинҷи туринҷ аст,
Даҳон бӯсам, ки дандонҳо биринҷ аст.
Ба ҳар кас чашми шӯхат ноз дорад,
Ба ман навбат расад – абрӯ қиринҷ аст.

Ду чашмонам ба як дарвоза афтод,
Нигоҳам бо гули нав – тоза афтод.
Вале дастам ба дасташ норасида,
Дар ин шаҳри калон овоза афтод.

Саҳар пурсидам аз гесӯи дилбар,
Ки ту хушбӯтарӣ ё мушку анбар.
Бигуфто: Дилбаро, меранҷам аз ту,
Маро бо мушк месозӣ баробар?!

Биё, эй дил, ба савдо мондам имрӯз,
Ғарибу зору танҳо мондам имрӯз.
Ба мисли мурғакони бепарубол
Ба қайди зулфи Лайло мондам имрӯз.

Худоҷонам, маро мурғи ҳаво кун,
Маро дойра ба дасти духтаро кун.
Маро дойра ба дасти Бибигавҳар,
Ба ман Гавҳарбибиро ошно кун.

Парирӯ, ошиқи зори ту бошум,
Ба ҳар боғе харидори ту бошум.
Агар рӯзе дусад борут бибинам,
Ҳанӯз муштоқи дидори ту бошум.

Диле дорам, ки дар фармони ман нест,
Надорам тарс аз бегонаву хеш.
Агар бегонаро бо худ кунам хеш,
Мисоли мору каждум мезанад неш.

Диле дорам, ки ӯ дар ҳукми ман нест,
Ҳаёту зиндагӣ дар ҷони ман нест.
Ба ҳар кӣ нун бидодам гашт, душман,
Магар мазай намак дар нуни ман нест?

Ало духтар, ту хол дорӣ ба рӯят,
Туро лоиқ набинам ман ба шӯят.
Дуое мекунам ҳар рӯзу ҳар шаб,
Ки як лаҳза нишинам рӯ ба рӯят.

Мусулмоно, бубинед ҳоли дардам,
Чу норинҷ бо канори барги зардам.
Ки шабҳо гиряму рӯзҳо бихандам,
Набинад мардумо ин ранги зардам.

Сари кӯҳи баланд як дона қанд аст,
Камарбанди бародар нуқрабанд аст.
Камарбанди бародар кам наояд,
Дилам бо духтари ҳамсоя банд аст.

Кулоҳи пӯст бар сар кардӣ, гули ман,
Куҷо азми сафар кардӣ, гули ман?
Худат рафтӣ ҳамеша сайри Кобул,
Маро хуни ҷигар кардӣ, гули ман.

Ду лаб дорӣ ба мисли нуқраи хом,
Ду чашмонат ба мисли косаи ҷом.
Манам чун Варқа саргардони ишқат,
Куҷоӣ, эй ту, Гулшоҳи гуландом?

Манам дар ғуссаву ту фориғ аз ғам,
Набуда ҳеч паймони ту маҳкам.
Шикастӣ аҳду паймони муҳаббат,
Ба теғи ғам буридӣ сар чу токам.

Ду-се рӯз аст, надидам нозанинро,
Ба раҳ рафтан намебинам заминро.
На дил дорам, на дилҷӯе дар ин ғам,
Магар боди хазон зад ёсуминро?!

Ба фарёд омадам аз ҳиҷри рӯят,
Шавам қурбони мӯи мушкбӯят.
Ба хобам ҳам намеоӣ, нигоро,
Шудам Маҷнун, дигар чист орзӯят!

Чӣ медонад табиб ҳоли мани зор,
На таб дорам, на савдо – гашта бемор.
Давои дарди бедармони ошиқ,
Лаби ёр аст, лаби ёр аст, лаби ёр.

Чаро зору низорам мекунӣ ту?
Чаро дар интизорам мекунӣ ту?
Дилам ранҷуру рангам зард гашта,
Ду чашми ашкборам мекунӣ ту!

Фалак олуда бо дарду ғамам кард,
Ҷудо аз дӯстони ҳамдамам кард.
Бароти ғам навишту дасти ман дод,
Ки саргардон ба кулли оламам кард.

Сиях̣ мӯҳои худро шона кардӣ,
Маро дар марду зан афсона кардӣ,
Барои ин ки дарси ишқ гирам,
Маро шогирди мактабхона кардӣ.

Чаро, эй дӯст, пайғомат наомад?
Ба кори ман саранҷомат наомад?
Надим бинвишт шарҳе аз ҷудоӣ,
Ки ёд аз аҳду паймонат наомад?

Мазори бешифо бошӣ, ширинҷон,
Ба ин соат куҷо бошӣ, ширинҷон.
Чу соил бар сари роҳат нишастам,
Нагуфтӣ, аз куҷо бошӣ, ширинҷон.

Диле дорам, ки моломоли хун аст,
Ғаме дорам, ки кӯҳи Бесутун аст,
Биё, ҷонон, ба ҳоли ман назар кун,
Гули иқболи мискин сарнагун аст.

Қади ман хам шуда чун беди маҷнун,
Ту дар хона бинолу ман ба берун.
Ҳар он кас, ки туро аз ман ҷудо кард,
Илоҳӣ, ғарқ шавад монанди Қорун!

Лаби дарёи Варзоб, ҷӯра, моҳӣ,
Макун, эй бевафо, аз ман ҷудоӣ.
Ҷудоӣ мекунӣ, фойда надора,
Намекардӣ ту аввал ошноӣ.

Ситора дар ҳаво шуд яксаду бист,
Ҷудоий мову ту, ёр, аз сари чист?
Бишинем рӯ ба рӯ, зону ба зону,
Сухан санҷем, гуноҳ аз ҷониби кист.

Хуш он соат, ки ёр аз дар дарояд,
Шаби ҳиҷрону рӯзи ғам саройд.
Зи ғам берун кунам ҷонро ба сад шавқ,
Ҳамин гӯям, ки ҷояш дилбар ояд.

Нигоро, дил асири рӯву мӯят,
Ҳамеша дорам, эй гул, орзуят.
Дуои ман ҳамин бошад шабу рӯз,
Дубора бинам он рӯи накӯят.

Намози шом ғарибӣ рух ба ман кард,
Дилам ҷавлон бизад, ёди Ватан кард.
Маро меҳри Ватан дар сина бошад,
Гумон дорам, Ватан ҳам меҳр ба ман кард.

Гули лола, чаро аз ман рамидӣ?
Магар ҳарфи баде аз ман шунидӣ?
Туро ман дӯст дорам аз дилу ҷон,
Чаро тори муҳаббатро буридӣ?

Касе, ки ишқу армоне надорад,
Тане дорад, вале ҷоне надорад.
Чу санги хора беэҳсосу зарда,
Диле, ки ишқи инсонӣ надорад.

Анори Даштиҷум, себи Самарқанд,
Фироқи ёри ман бехи маро канд.
Ҳар он кас, ки маро аз ёр ҷудо кард,
Дар оташҳо бисӯза мисли испанд.

Агар аз ҳоли ман бошӣ хабардор,
Дили сангат бисӯза бар мани зор,
Ки ман аз дурият девона гаштам,
Ҷаҳон дар чашми ман гашта шаби тор.

Биё, бӯса кунам гирди димоғат,
Сафар дорӣ, ба дил мемона доғат.
Сафар дорӣ, худ биёӣ ё наоӣ,
Зи мурғони ҳаво гирам суроғат.

Фалак, захми мара ноҷур кардӣ,
Рухам зарду дилам ранҷур кардӣ.
Фалак, то кай бинолам аз ҷафоят?!
Маро аз дӯстонам дур кардӣ!

Чароғ дидам, ду чашмат ёдам омад,
Қалам дидам, димоғат ёдам омад.
Ба ғурбат рафтаам аз мулки тоҷик,
Қади болобаландат ёдам омад.

Ватан, ишқи ту бошад ифтихорам,
Ба ҷуз ишқи ту андар сар надорам.
Туро гар хурраму шодоб бинам,
Ба дил ҳаргиз ғами дигар надорам.

Ба рӯи сабза хуфтан бояд имрӯз,
Сухан аз ишқ гуфтан бояд имрӯз.
Биё, бо ҳам бигӯему бихандем,
Ки ҳамчун гул шукуфтан бояд имрӯз.

Баҳор аз санги хоро гул барорад,
Наво аз синаи сунбул барорад.
Агар дасти ҳунар боре кунад кор,
Замини шӯразор сунбул барорад.

Баҳор омад, баҳор омад, гули ман,
Замони киштукор омад, гули ман.
Биё, дилбар, ки сайри боғ бароем,
Ки гулҳо бешумор омад, гули ман.

Ало дилбар, қадат химчай чанор аст,
Баро берун, ки фасли навбаҳор аст.
Баро берун, ки рухсорат бубинам,
Ба як дорат, ки дилдор интизор аст.

Баҳор омад, ҷаҳон шуд шоду хуррам,
Ба сайри гул равон шуд гулъизорам.
Мани бечора мискин бо рухи зард,
Ба ҳар сӯ давдавонам баҳри ёрам.

Биё, фасли баҳор аст, дилбари ман,
Равем сӯи чаман, маҳпайкари ман.
Назар кун, не гулу не андалеб аст,
Тараҳҳум кун ба ҳоли абтари ман.

Нигори бовафа аз дар даромад,
Баҳори пуршукуфо аз сар омад.
Сипандосо зи ҷо ҷастам ба сӯяш,
Зи ҳар сӯ бӯи мушку анбар омад.

Баҳор омад, ки дигар ғам набошад,
Ба шаҳри мо дигар мотам набошад.
Ба марги навшаҳиде, навҷавоне
Ду чашми модаре пурнам набошад.

Баҳор омад ба саҳрову дару дашт,
Ҷавонӣ ҳам баҳоре буду бигзашт.
Сари қабри ҷавонон лола рӯяд,
Даме, ки маҳвашон оян ба гулгашт.

Биё, заргар, ба ту ман зорӣ дорам,
Бисоз ангуштарӣ бо ҳукми ёрам,
Бисоз ангуштарӣ, зудтар ба ман деҳ,
Ки имшаб пеши дилбар ваъда дорам.

Ало духтар, ту оҳуи куҷоӣ?
Агар сад сол бизӣ, ту моли моӣ.
Агар сад сол бизӣ, боз соли дигар
Нагирам ман ба ҷуз ту ёри дигар.

Ғаме дорам, зи мӯи сар зиёда,
Ғами дилбар ба ҷони ман фитода,
Бигуфтам, ки зи дасти ғам гурезам,
Ки ғам чобуксавор аст, ман пиёда.

Авал сурма ба чашмони сиё кун,
Дувум шона ба зулфони расо кун.
Басе ман ранҷи ишқатро кашидам,
Табибам шав, биё, дардам даво кун.

Ба саҳро рафта ман, нола кардам,
Назар бар ҳавлии ҷонона кардам.
Назар кардам, надидам ёри худро,
Гиребон то ба домон пора кардам.

Лаби лаълат ба монанди набот аст,
Маро аз ту ҷудоӣ мушкилот аст.
Закоти ҳусни худ бӯса ҷудо кун,
Ҳамин монад, ки дунё бесубот аст.

Гаҳе аз печи зулфони ту нолам,
Гаҳе аз захми пайкони ту нолам.
Задӣ тире ба ҷони дардмандам,
Ки ман аз дарду ҳиҷрони ту нолам.

Хиромон гаштанат дар рӯи бом аст,
Намедонам, ки устодат кадом аст.
Ба ман аҳду вафоро баста будӣ,
Аз афташ аҳду паймони ту хом аст.

Чаро рӯмоли худ каҷ бастаӣ ту?
Чаро аз қавли худ баргаштаӣ ту?
Ғалат кардӣ, хато кардӣ, нигоро,
Намедонам, ба кӣ дил бастаӣ ту.

Ба ту аҳди муҳаббат баста будам,
Зи ғамҳои ҷаҳон вораста будам.
Ту мегуфтӣ, ки ман ҳастам вафодор,
Ғалат гуфтӣ, туро нашнохта будам.

Чӣ ғам додӣ, ки беҳбудӣ надорад,
Задӣ оташ ба дил дуде надорад.
Накардӣ гиря бар ҳоли харобам,
Пас аз маргам кунӣ, суде надорад.

Гаҳе бо ғусса, гаҳ бо ноз будӣ,
Ба вақти шодиям ҳамроз будӣ.
Биё, сарриштаи сомони ман кун,
Давои дарди бедармони ман кун.

Диламро мубтало кардию рафтӣ,
Зи худ ноошно кардию рафтӣ.
Муборак бар ту ёри нав, меборак,
Ба ҷонам сад ҷафо кардию рафтӣ.

Сафар бо сӯи Кӯлоб дорам имрӯз,
Ба дил орзуи шаҳдоб дорам имрӯз.
Ҷудо аз ёри ширин гаштаам ман,
Фиғон чун мурғи бисмил дорам, имрӯз.

Лабонам бо лабонат ком дорад,
Чу барра майли шири хом дорад.
Лабонам бо лабат омухта кардӣ,
Лаби омухта кай ором дорад?!

Макатуллои ман рӯи ту бошад,
Таноби умри ман мӯи ту бошад.
Маро бо ҳоҷиёни ҳаҷ чӣ кор аст,
Ҳаҷи ман тоқи абрӯи ту бошад.

Намози шом бароям ман гадоӣ,
Ало дилбар, ба як ҳила бароӣ.
Агар бобот хабар шуд, ё илоҳӣ,
Бигӯ, як порча нун кардум худоӣ.

Ду чашмонут ситорай осмон аст,
Дилумро бурдаӣ, рангум хазон аст.
Дилумро бурдаӣ бо сеҳру ҷоду,
Намедонам, ки ҷодугар кадом аст.

Намак шӯр аст ба захми тоза н-андоз,
Маро куштӣ, ба шаҳр овоза н-андоз.
Маро куштӣ, ба дасти худ кафан кун,
Ба дасти мардуми бегона н-андоз.

# ҲАЗОРУ ЯК РУБОӢ

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 25.04.2013 супорида шуд.
Чопаш 05.05.2013 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 9.5.
Андозаи 60x841/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг» чоп шудааст.
кӯчаи Ҳусензода 155